НИСОР МУҲАММАД ДАР СОЯИ ТАРС ВА ХОМӮШӢ с. 8-9

ҲУШДОР Ё ФИШОР? с. 4

ЧИЗЕ МАЗЗА НАДОРАД... ЧАРО? с. 11

# ТОҶИКИСТОН

№ 22 (1686), 3.06.26 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992



ДАР ИН ШУМОРА:

**НАРХИ МАНЗИЛ ДАР ДУШАНБЕ**
Магар Душанбе ба шаҳри иҷоранишинон табдил меёбад? с.3

**СЕМЕНТ**
Пас аз дастури Президент с.6

**$ 284,3 МЛН**
Гардиши савдои Тоҷикистону Ӯзбекистон с.2

**CHATGPT**
44 касб аз байн меравад? с.5

**ВАРЗИШ**
Ҳангома дар Хуҷанд ва нокомии дастаҳои пешсаф с.15

**ФУТБОЛ**
10 фоидаи он ба саломатии инсон с.12

**«ШОҲНОМА»**
Бузургдошти он дар Австралия с.12

# ТОҶИКОНИ МУВАФФАҚ



PRESSA.TJ БОХАБАР АЗ ГАПИ ҶАҲОН БОШ!

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

**Матлубахон САТТОРИЁН,**
Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Шералӣ КАБИР,**
Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,**
президенти АМИТ, академик

**Муҳиббахон ЧАВҲАРӢ,**
раиси Кумита оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дилбар ОДИЛЗОДА,**
муовини раиси шаҳри Душанбе

**Заробиддин ҚОСИМӢ,**
Сардори хадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,**
Раиси Шурои уламои Тоҷикистон

**Носирҷон САЛИМӢ,**
академик

**Гулсифат ШАҲИДӢ,**
нависанда

**Рафоэл НЕКТАЛОВ,**
Сармуҳаррири рӯзномаи The Bukharian Times

**Иноят ИНОЯТОВ,**
ҳуқуқшинос

**Одил НОЗИР,**
муҳаррир

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
муҳаррири сомонаи pressa.tj

**Фирдавс САТТОРОВ,**
саҳифабанд

*Хафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар хафтанома маводе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд.*
*Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани маводи ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи маводи шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Хафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Хафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88,**
**238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.

# $ 284,3 МЛН ГАРДИШИ САВДОИ ТОҶИКИСТОНУ ӮЗБЕКИСТОН

**Дар чор моҳи аввали соли 2026 ҳаҷми гардиши мол миёни Тоҷикистону Ӯзбекистон 284,3 миллион долларро ташкил дод. Ин дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2025-ум 59,6 млн доллар ё 50,7% (2025 - 188,7 млн доллар) зиёд мебошад.**

Ба иттилои Кумитаи миллии омори Ӯзбекистон, аз ҳаҷми умумии савдои хориҷии Ӯзбекистон 26,3 млрд доллар ё худуди 1,1% ба ҳиссаи Тоҷикистон рост меояд.

Аз Ӯзбекистон ба Тоҷикистон асосан гази табиӣ, маҳсулоти нафтӣ, нерӯи барқ, нуриҳои минералӣ, маҳсулоти фулузотӣ, масолеҳи сохтмонӣ ва техникаи маишӣ оварда мешавад.

Аз Тоҷикистон ба Ӯзбекистон бошад, бештар маъдан ва консентратҳои руҳ ва мис, нерӯи барқ, ангишт, профилҳои алюминий, нахи пахта ва навъҳои чудогонаи маҳсулоти кишоварзӣ содир мешавад.

Ҳоло ҷонибҳо ният доранд, ки ҳаҷми савдои дуҷонибаро то ба 2 млрд доллар расонанд.




# ХАТЛОН: АЗ АФЗОИШИ ХОНАНДАҲО ТО ШАРОИТИ ТАЪЛИМ

**Имсол муассисаҳои таълимии вилояти Хатлонро 54 ҳазору 246 хонанда хатм менамоянд. Ин шумора нисбат ба соли таҳсили гузашта 15 ҳазору 505 нафар зиёд мебошад.**

Тавре аз Раёсати маориф дар вилояти Хатлон ба Pressa.tj хабар доданд, дар оғози соли таҳсили ҷорӣ 95 ҳазору 500 хонанда ба синфи якум қабул шуда буданд.

Ҳоло дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон 939 ҳазору 445 хонанда дар 1 ҳазору 403 муассисаи таълимӣ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Ҳамчунин, ба гуфтаи масъулони соҳа, барои беҳтар намудани шароити таълиму тарбия айни замон дар 288 иншооти соҳаи маориф корҳои сохтмонӣ идома доранд.

# ЧОРВОДОРӢ ДАР ТОҶИКИСТОН ДАСТГИРӢ МЕЁБАД

**Фонди байналмилалии рушди кишоварзӣ барои амалисозии лоиҳаи "Дастрасӣ ба бозорҳо ва мутобиқшавӣ ба чорводорӣ" ба Тоҷикистон 19,7 млн доллар қарзи бебозгашт ё грант медиҳад.**

Созишномаи дахлдорро Файзиддин Қаҳҳорзода, вазири молияи Тоҷикистон ва Роберто Лонго, директори минтақавии ин Фонд дар Душанбе ба имзо расонидаанд. Ба иттилои Вазорати молия, дар лоиҳаи мазкур 2,3 млн доллар саҳми Ҳукумати Тоҷикистон низ ҳаст.

Ҳадафи асосии лоиҳа баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволӣ, даромад ва устувории хонаводаҳои деҳоти Тоҷикистон, хусусан чорводорони хурд тавассути беҳтар намудани маҳсулнокии соҳаи чорводорӣ, идоракунии устувори чарогоҳҳо ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим аст.

Инчунин, лоиҳа ба рушди занҷираи арзиши маҳсулот, соҳибкории хурду миёна, беҳтар кардани сохтори ғизои аҳолӣ ва васеъ намудани дастрасии деҳқонон ба бозорҳои маҳаллӣ ва минтақавӣ нигаронида шудааст. Маврид ба зикр аст, ки бахши кишоварзӣ яке аз соҳаҳои калидии иқтисоди Тоҷикистон боқӣ мемонад, зеро худуди 70%-и аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ мекунанд.

# КУМАКИ РУСИЯ БА МАКТАБҲОИ ТОҶИКИСТОН

**Русия дар доираи барномаи Созмони Милали Муттаҳид ба мактабҳои Тоҷикистон наздики 260 тонна маҳсулоти ғизоӣ кумак намуд.**

Кумаки башардӯстона равғани офтобпараст ва нахӯди зардро дар бар мегирад. Ин маҳсулот барои дастгирии барномаҳои ғизодиҳии мактабӣ ва беҳтар намудани вазъи таъминоти ғизоии хонандагон равона шудааст.

Гуфта мешавад, ки рӯзҳои наздик ба муассисаҳои таълимии вилояти Суғд боз 129,2 тонна маҳсулоти ғизоӣ дастрас карда мешавад.

Барномаҳои ғизодиҳии мактабӣ дар Тоҷикистон бо дастгирии шарикони байналмилалӣ солҳои охир барои беҳтар намудани шароити таҳсили кӯдакон, махсусан дар минтақаҳои дурдаст амалӣ мешаванд.

## САРИ САБЗ



**Шавкат ТОШМАТОВ,**
**сароянадаи тоҷики муқими ИМА**

**- Сароянда будан дар Амрико осону ҳам душвор аст. Осонӣ ба кадом хотир? Ҳамватанони мо дар тӯйу чорабинӣ ва консертҳо хатман таклиф месозанд. Душворӣ ба он маъност, ки дар Амрико танҳо бо сарояндагӣ рӯз гузаронидан мушкил аст.**

*- Душвор ки бошад, беҳтараш ба Ватан баргардед. Гарчанде ҳофизҳо аз мӯйи сар зиёд ҳам бошанд, ба ҳар сурат, дар Ватан талабгорони сурудҳои тоҷикӣ бештаранду кордатон болои равған мешавад.*



**Нодира НАЗАРӢ,**
**директори Осорхонаи шаҳри Истиклол**

**- Соли гузашта гурӯхе аз сайёҳони фаронсавӣ хоҳиш карданд, ки аз ашъори Ҳофизу Саъдӣ ғазал хонам. Чанд ғазал, аз ҷумла "Эй сорбон" ва "Агар он турки Шерозӣ..."-ро қироат кардам. Баъд ҳатто чанд суруди Нигина Амонқуловаро замзама намудам. Онҳо рақсиданд.**

*- Офарин, ин ҳам ҳунар аст. Лутф карда, сароянадаи тоҷики муқими Амрико Шавкат Тошматовро ба осорхонаатон даъват намоед, барои сайёҳони хориҷӣ суруд хонаду маблағе ба даст орад.*



**Фарид БЕЖАН,**
**устоди Донишгоҳи Монаши Австралия**

**- Ба назари ман, устодони тоҷик ва умуман устодони шуравӣ дар рушди Донишгоҳи Кобул нақши бисёр муҳим бозиданд, аммо баъд аз сукути Иттиҳоди Шуравӣ фурсате барои арзёбии кори онҳо ба вуҷуд наомад. Ин кор бояд анҷом шавад.**

*- Назари муҳиму рӯзмарра аст, оқои доктор. Вале пеш аз он, ки чунин назареро ироа доред, боре дар бораи ба Кобул сафар кардан ё накарданатон андешидед?*



# НАРХИ МАНЗИЛ ДАР ДУШАНБЕ

## Душанбе ба шаҳри ичоранишинон табдил меёбад?

> ВАҚТИ ОН РАСИДААСТ, КИ ДАР БАРОБАРИ СОХТМОНИ БИНОҲОИ НАВ, БЕШТАР ДАР БОРАИ ОН АНДЕША КУНЕМ, КИ ЧӢ ГУНА ШАҲРВАНДОНИ ОДӢ НИЗ ТАВОНАНД ДАР ИН ХОНАҲО ЗИНДАГӢ КУНАНД?

**Солҳои охир Душанбе ба майдони бузурги сохтмон табдил ёфтааст. Дар ҳар гӯшаи шаҳр биноҳои баландошёна қомат меафрозанд, маҳаллаҳои нави истиқоматӣ бунёд мешаванд ва симои меъмории пойтахт тағйир меёбад. Аммо, дар баробари ин тағйирот, нархи манзил низ бо суръати баланд боло меравад.**

Тазод дар он аст, ки ҳар қадар сохтмони манзил зиёд шавад, ҳамон қадар дастрасии аҳолӣ ба он мушкилтар мегардад. Тибқи маълумоти расмӣ, имрӯз арзиши миёнаи як метри мураббаъ манзил дар шаҳри Душанбе аз 7200 сомонӣ бештар аст. Дар маркази шаҳр ин маблағ кайҳо аз 10 ҳазор сомонӣ гузаштааст. Як хонаи маъмулии масоҳаташ 70 метри мураббаъ дар канори шаҳр тақрибан 575 ҳазор сомонӣ арзиш дорад. Барои аксари шаҳрвандон ин маблағ дастнорас мебошад.

### МАОШИ КАМУ МАНЗИЛИ ГАРОН

Тибқи маълумоти расмӣ, маоши миёна дар Точикистон ҳоло тақрибан 3200 сомонӣ дар як моҳро ташкил медиҳад. Агар тасаввур кунем, ки шахс тамоми маошашро бе харч кардан барои хӯрок, либос, нақлиёт, хизматрасониҳои коммуналӣ ва нигоҳубини оила чамъ кунад, барои харидани чунин хона барои ӯ тақрибан 15 сол лозим мешавад.

Аммо зиндагии воқеӣ чунин нест. Одам бояд оилаашро таъмин кунад, фарзандонро ба воя расонад, хононад, харочоти рӯзгорро пӯшонад ва ба падару модар кумак намояд.

Аз ин рӯ, дар шароити воқеӣ як оилаи миёна метавонад барои харидани чунин хона на 15, балки 25 сол ва ҳатто бештар аз он маблағ чамъ кунад.

Чанд сол пеш Душанбе аз чумлаи арзонтарин пойтахтҳои Осиёи Марказӣ аз рӯйи нархи манзил маҳсуб мешуд. Имрӯз вазъ дигар шудааст.

Арзиши як метри мураббаъ манзил дар пойтахт ба ҳисоби миёна ба 850-900 доллари амрикоӣ расидааст. Дар муқоиса бо нархи баъзе аз пойтахтҳои кишварҳои Осиёи Миёна шояд ин нарх арзонтар бошад. Аммо, агар на худи нарх, балки таносуби нархи манзил ва даромади аҳолӣ муқоиса карда шавад, манзара тамоман ранги дигар мегирад.

### МУШКИЛ ДАР ПАСТ БУДАНИ ДАРОМАД АСТ

Дар Қазоқистон маоши миёна чандин маротиба аз нишондиҳандаҳои Точикистон зиёд аст. Дар Ӯзбекистон ва Қирғизистон низ вазъ нисбатан беҳтар мебошад.

Аз ҳамин сабаб, сокинони Алмаато ё Тошканд, сарфи назар аз баланд будани нархи хона, назар ба сокини Душанбе имконияти бештар барои харидани манзил доранд.

Оилаи точик имрӯз бо ду мушкил рӯ ба рӯ шудааст: аз як тараф, болоравии босуръати нархи манзил, аз чониби дигар, паст будани маблағи даромад.

Коршиносон таъкид мекунанд, ки солҳои охир нархи манзил дар Душанбе нисбат ба афзоиши маоши аҳолӣ зудтар боло меравад.

### ИПОТЕКА. ОЁ ОН ДАСТНОРАС АСТ?

Дар бисёр кишварҳои чаҳон масъалаи манзил тавассути қарзҳои ипотекӣ ҳал мешавад. Аммо дар Точикистон қарзҳои манзилӣ ҳанӯз ҳам гарон мебошанд. Меъёри фоизи чунин қарзҳо дар баъзе ҳолатҳо ба 20-25 фоиз дар як сол мерасад.

Дар чунин шароит ҳатто оилаҳое, ки ҳар моҳ даромади доимӣ доранд, ба осонӣ соҳиби манзил шуда наметавонанд. Зеро фоизи баланди қарзҳои ипотекӣ боис мегардад, ки онҳо дар ниҳоят барои хона на танҳо арзиши аслии он, балки маблағи баробар ва ҳатто бештар аз онро ба бонк пардохт намоянд. Ба ибораи дигар, хонае, ки имрӯз 600 ҳазор сомонӣ арзиш дорад, метавонад дар охири мӯҳлати қарз ба соҳибаш аз як миллион сомонӣ бештар афтад. Аз ин рӯ, аксари шаҳрвандон то ҳол ба пасандозҳои дарозмуддат ё ба маблағҳои аз муҳочирати меҳнатӣ фиристодашуда такя мекунанд.

### ЧАРО НАРХҲО БОЛО МЕРАВАНД?

Ба болоравии арзиши манзил чанд омил таъсир мерасонанд:

**Якум,** раванди кӯчбандии сокинони шаҳру ноҳияҳо ба пойтахт идома дорад. Ҳазорон нафар барои дарёфти чойи кор, таҳсил ва зиндагии беҳтар ба Душанбе меоянд.

**Дуюм,** арзиши масолеҳи сохтмонӣ пайваста боло меравад. Гарчанде солҳои охир дар кишвар корхонаҳои нави истеҳсоли семент, арматура, хишт ва дигар масолеҳи сохтмонӣ таъсис ёфтаанд, қисми назарраси ашёи хом, тачҳизот ва баъзе намудҳои масолеҳ ҳамоно аз хорич ворид карда мешавад. Албатта монополия будани истеҳсол ва воридоти онҳо ҳам ба нарх бетаъсир нест.

Харочоти нақлиёт ва бочи гумрукӣ низ ба арзиши ниҳоии сохтмон таъсир мерасонанд. Ба андешаи бархе аз коршиносон, рушди истеҳсолоти ватанӣ дар ин соҳа ҳанӯз бо мушкилоти муайян, аз чумла дастрасии маҳдуд ба маблағгузорӣ, гаронии қарзҳо ва баъзе масъалаҳои марбут ба андозбандӣ ва маъмурикунонии фаъолияти соҳибкорӣ рӯ ба рӯ мебошад. Дар натича, харочоти сохтмон афзоиш ёфта, ин ҳолат бевосита ба нархи манзил таъсир мерасонад.

**Сеюм,** барои бисёриҳо манзил на танҳо чойи зист, балки воситаи нигоҳдории сармоя низ ба ҳисоб меравад. Аз ҳамин сабаб талабот ба манзил ҳатто дар шароити болоравии нархҳо коҳиш намеёбад.

(Давомаш дар саҳ. 3)



## ОБХЕЗӢ ДАР АЙНӢ ВА КӮҲИСТОНИ МАСТЧОҲ

**Боришоти шадиди рӯзҳои аввали моҳи июн дар чанд ноҳияи вилояти Суғд боиси омадани сел шуда, ба роҳҳо, заминҳои кишоварзӣ, боғҳо ва баъзе иншооти сокинон хисороти чиддӣ ворид кардааст. Бештарин зарар аз ин офати табиӣ дар ноҳияҳои Кӯҳистони Мастчоҳ ва Айнӣ ба қайд гирифта шудааст.**

Гуфта мешавад, ки шаби 1 ба 2-юми июн дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ дар натичаи боронҳои шадид сел омада, даҳҳо километр роҳҳои мошингардро зери лой ва сангрезаҳо кардааст. Ба иттилои манбаъ, тақрибан 35 километр роҳҳои аҳамияти чумҳуриявӣ ва зиёда аз 100 километр роҳҳои аҳамияти маҳаллӣ дошта аз сел зарар дидаанд. Ҳамзамон, қисме аз заминҳои кишоварзӣ ва чанд иншооти ёрирасон дар деҳаҳои ноҳия низ осеб дидаанд. Бо чалби техника ва кормандони ҳадамоти дахлдор роҳҳои асосӣ аз лой тоза гардида, ҳаракати нақлиёт ва сокинон дубора барқарор шудааст. Аммо корҳои рафъи оқибатҳои офати табиӣ ва арзёбии ҳачми умумии зарар ҳанӯз идома доранд.

Дар ҳамин ҳол, боронҳои пуршиддат ба чанд деҳаи ноҳияи Айнӣ низ хисороти назаррас ворид кардаанд. Дафтари матбуоти раиси ноҳия хабар додааст, ки сел ба роҳҳо, чӯйборҳо, манзилҳои истиқоматӣ, иншооти инфрасохторӣ ва заминҳои кишоварзӣ зарар расонидааст. Ба гуфтаи мақомот, бахши зиёди боғҳо ва киштзорҳои сокинон осеби чиддӣ дидаанд.

Тибқи маълумоти дастрас, деҳаҳои Кӯҳрӯд, Дашти Сангистон, Зосун, Каздон ва Куруд аз чумлаи маҳалхое мебошанд, ки бештар аз сел зарар дидаанд. Дар наворҳое, ки сокинон дар шабакаҳои ичтимоӣ нашр карданд, дида мешавад, ки сел китъаҳои кишоварзиро пахш намуда, баъзе воситаҳои нақлиёт низ зери обу лой мондаанд.

(Давомаш дар саҳ. 11)




# ҲУШДОР Ё ФИШОР?

**Рӯзи 7-уми июн дар Арманистон интихоботи парлумонӣ баргузор мешавад, ки ба қавли бисёриҳо сарнавиштсоз хоҳад буд. Сарвазири Арманистон Никол Пашинян саъй дорад бо ҳадафи узвияти кишвараш дар Иттиҳоди Аврупо ҳамкориҳоро бо ин созмон густариш диҳад.**

Маскав бо ишора ба узвияти Арманистон дар Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё ин кӯшишҳоро ғайри қобили қабул шумурда, ба Ереван машварат додааст, ки узвияти ҳамзамон дар ду созмони ёдшуда имкон надорад.

Русия, Беларус, Қазоқистон ва Қирғизистон ба Арманистон ҳушдор додаанд, ки агар Ереван кӯшиши пайвастан ба Иттиҳоди Аврупоро бас накунад, узвияташ дар Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиёро бозмедоранд.

Дар изҳороти раҳбарони ин кишварҳо, ки охири ҳафтаи гузашта дар Қазоқистон нашр шуд, таъкид гардидааст, ки омодагиҳои Арманистон ба узвият дар Иттиҳоди Аврупо "амнияти иқтисодӣ"-и аъзои дигари Иттиҳоди АвруОсиёро таҳдид мекунад. Дар ин санад аз Арманистон тақозо шудааст, ки ҳарчи зудтар "назархоҳии умумӣ" доир намуда, интихоб кунад, ки бо Иттиҳоди АвруОсиё аст ё Иттиҳоди Аврупо?

Мария Захарова, сухангӯйи Вазорати корҳои хориҷии Русия дар остонаи нишасти Қазоқистон гуфт: "Кишварҳои ғарбӣ зидди Русия ҷанги ниёбатӣ ё худ гибридӣ эълон намуда, расман иброз доштаанд, ки ҳадафи онҳо шикасти стратегии Русия аст. Пас, Арманистон бо кӣ санадҳои стратегии худро имзо мекунад? Бо онҳое, ки мехоҳанд ба Иттиҳоди АвруОсиёи мо зиён расонанд?".

Сарвазири Арманистон Никол Пашинян ба нишасти Қазоқистон ба ҷойи худ муовинаш Мҳер Григорянро фиристод. Дипломатҳо ин иқдомро ҳамчун бойкот арзёбӣ намуданд. Пашинян таъкид кард, ки бо вазифаҳои дохилӣ ва маъракаи интихоботи парлумонии 7-уми июн банд аст.

Дар ҳамин ҳол, ниходҳои давлатии Русия воридоти маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла помидор, мева ва машруботи Арманистонро манъ карданд. Собиқ дипломати қазоқ Жарас Ормантай бар ин назар аст, ки монеагузориву фишорҳои Маскав метавонад натиҷаи баръакс диҳад.

Ӯ афзуд, феълан Кремл болои Арманистон нуфузи бузурги сиёсиву иқтисодӣ дошта, имкон дорад, ки Ереванро дар мақоми ҳозирааш нигаҳ дорад. Аммо агар кӯшишҳои Маскав ноком гарданд, мақому манзалати Русияро дар чорчӯби Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё барҳам мезанад.

Талошҳои фирори Ереван аз зери назари Маскав замоне сурат мегирад, ки сарвазир Пашинян аз пуштибонии президенти Амрико Доналд Трамп низ бархӯрдор аст.

Ҳафтаи гузашта баъд аз сафари котиби давлатии Амрико Марко Рубио ба Арманистон, Трамп дар шабакаҳои иҷтимоӣ навишт, ки дар интихоботи парлумонии Арманистон аз номзадии Пашинян дастгирӣ мекунад.

# ОГОҲИИ БУНЁДГУЗОРИ

## 44 касб аз байн меравад?

**Сэм Алмтан, яке аз поягузорони ChatGPT гуфт, ки дар оянда наздик AI дар ин 44 пеша аз коргарон дида беҳтар корро анҷом медиҳад. Эҳтимол ширкатҳо дигар чунин коргаронро истихдом накунанд ва ё хеле кам ба кор гиранд.**

*› Ходимони ширкатҳое, ки амвол, мошин ва таҷҳизот иҷора медиҳанд;*
*› Менеҷерони фурӯш;*
*› Кормандони анбор;*
*› Муҳаррирон;*
*› Барномасозон;*
*› Детективҳо ва муфаттишони хусусӣ;*
*› Мутахассисони назорати риояи қоидаҳо;*
*› Роҳбарони кормандони фурӯш (ғайри чакана);*
*› Намояндагони тиҷорӣ (яклухт ва истеҳсолот);*
*› Менеҷерон, мудирон;*
*› Менеҷерони соҳаи тандурустӣ;*
*› Харидорон ва мутахассисони таъминот;*
*› Мушовирони молиявӣ;*
*› Менеҷерони маъмурӣ;*
*› Намояндагони хизматрасонӣ ба мизоҷон;*
*› Роҳбарони кормандони фурӯши чакана;*
*› Роҳбарони кормандони истеҳсолот;*
*› Ҳамшираҳои амалкунандаи дараҷаи олӣ;*
*› Брокерҳои амволи ғайриманқул;*
*› Таҳлилгарони хабарӣ ва рӯзноманигорон;*
*› Менеҷерони системаҳои иттилоотӣ;*
*› Роҳбарони полис ва детективҳо;*
*› Намояндагони фурӯши маҳсулоти техникӣ ва илмӣ;*
*› Ҳуқуқшиносон;*
*› Мутахассисони идоракунии лоиҳаҳо;*
*› Кормандони иҷтимоӣ;*
*› Котибон ва ёварони маъмурии тиббӣ;*
*› Агентҳои фурӯши хизматрасониҳои молиявӣ;*
*› Роҳбарони кормандони идорӣ;*
*› Таҳлилгарони сармоягузорӣ;*
*› Кормандони соҳаи фароғат;*
*› Ҳамшираҳои шафқат;*
*› Менеҷерони амвол;*
*› Менеҷерони молиявӣ;*
*› Продюсерҳо ва коргардонҳо;*
*› Техникҳои аудио ва видео;*
*› Консерҷҳо;*
*› Кормандони қабули фармоиш;*
*› Агентҳои фурӯши амволи ғайриманқул;*
*› Дорусозон;*
*› Муҳосибон ва аудиторҳо;*
*› Муҳандисони мошин;*
*› Муҳандисон дар саноат;*
*› Муҳаррирони филм ва видео.*

# ҚАЗОҚИСТОН ИНТИЗОРИ УРАНИУМИ ТЕҲРОН?

**Қазоқистон омодагӣ нишон додааст, ки дар сурати ба созиш расидани Теҳрон ва Вашингтон захираи ураниуми 60-дарсад ғанишудаи Эронро қабул ва нигоҳдорӣ кунад. Дар ин бора рӯзномаи Financial Times бо такя ба суханони Рафаел Гросси, мудири Оҷонси байналмилалии энержии атомӣ гузориш дод.**

Ин пешниҳод ҳамчун талош барои таҳкими эътимод миёни тарафҳо матраҳ шудааст, ки ҳадаф аз он мусоидат ба эҳёи музокироти ҳастаӣ байни Эрон ва Амрико мебошад. Рафаел Гросси ин мавзуъро 26-уми май дар сафараш ба Қазоқистон ва дар дидор бо раисҷумҳури он кишвар Қосимҷомарт Тоқаев ҳам матраҳ кардааст. Қазоқистон ба далели таҷрибааш дар заминаи ҷилавгирӣ аз густариши силоҳи ҳастаӣ яке аз номзадҳои қобили эътимод барои қабули ураниуми ғанишудаи Эрон дониста мешавад.

**Financial Times**

# ҶОИЗАИ 17-УМИ ОДАМ

**Мақомоти Чеченистон гуфтанд, ки ба Одам Қодиров, писари 18-солаи Рамазон Қодиров, раҳбари ин ҷумҳурии Русия барои саҳм гузоштан дар "амалиёти махсуси низомӣ" дар Украина медал ё нишони фахрӣ додаанд.**

Аҳмад Дудаев, муовини раиси ҳукумати Чеченистон рӯзи 1-уми июн навишт: "Ҷоизаи олӣ эътирофи саҳми сазовори Одам Рамазонович дар таъмини амният ва пуштибонӣ аз амалиёти махсуси низомӣ аст".

Ба гуфтаи Аҳмад Дудаев, писари Рамазон Қодиров ба ҳайси ҳамоҳангсози Донишгоҳи нерӯҳои махсуси ба номи Путин дар шаҳри Гудермес "дар рушди яке аз муҳимтарин марказҳои омодасозии ҳомиёни Ватан фаъолона саҳм мегузорад".

Нашрияи таҳқиқотии "Вёрстка" соли 2025 навишт, ки аз моҳи феврали соли 2022 инҷониб ба Одам Қодиров камаш 16 ҷоиза ва нишони фахрӣ додаанд.

**ТАСС**

# ҚАТОРАИ «ДУШАНБЕ - МАСКАВ» БАЪДИ 6 СОЛ БА РОҲ МЕБАРОЯД



**БАЪДИ ТАВАҚҚУФИ ШАШСОЛА ҲАРАКАТИ ҚАТОРАИ МУСОФИРБАР ДАР МАСИРИ «ДУШАНБЕ - МАСКАВ - ДУШАНБЕ» АЗ НАВ БАРҚАРОР МЕШАВАД. ТИБҚИ ИТТИЛОИ РОҲИ ОҲАНИ РУСИЯ, НАХУСТИН ҚАТОРА ДАР ИН ХАТСАЙР РӮЗИ 21-УМИ ИЮНИ СОЛИ ҶОРӢ АЗ ПОЙТАХТИ ТОҶИКИСТОН БА САМТИ МАСКАВ ҲАРАКАТ ХОҲАД КАРД.**

### ДАР ДУ ҲАФТА ЯК МАРОТИБА

Мувофиқи ҷадвали эълоншуда, қатора соати 03:25 ба вақти маҳаллӣ аз Душанбе ба роҳ меафтад ва баъди тақрибан чор шабонарӯзи сафар рӯзи 24-уми июн соати 22:08 ба истгоҳи Роҳи оҳани Павелетскийи шаҳри Маскав мерасад.

Дар самти муқобил бошад, қатора рӯзи 25-уми июн соати 06:05 аз Маскав ҳаракат карда, субҳи 29-уми июн соати 02:48 ба Душанбе хоҳад расид.

Ба иттилои манбаъ, қатораи №423/424-и Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» минбаъд ҳар ду ҳафта як маротиба дар ин масир ҳаракат мекунад. Давомнокии сафар тақрибан чор шабонарӯзро дар бар мегирад.

### БО ДАРХОСТИ ТОҶИКИСТОН

Дар хабар гуфта мешавад, ки барқарорсозии ин хатсайр бо дархости ҷониби Тоҷикистон ва дар мувофиқа бо мақомоти дахлдори Қазоқистон ва Ӯзбекистон амалӣ шудааст. Қатора аз ҳудуди чор давлат - Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Русия гузашта, дар як қатор истгоҳҳои муҳим таваққуф мекунад.

Аз ҷумла, мусофирон метавонанд аз истгоҳҳои шаҳрҳо ва маҳалҳои аҳолинишини Бухоро, Нукус, Кунғурод, Қандиағаш, Ақтобе, Илетск, Оренбург, Самара, Сизран, Пенза, Ряжск ва дигар нуктаҳои аҳолинишин истифода баранд.

### ФУРӮШИ ЧИПТАҲО ОҒОЗ ШУД

Тибқи маълумоти расмӣ, фурӯши билетҳо барои сафар аз Душанбе аллакай оғоз шудааст. Интизор меравад, ки дар рӯзҳои наздик фурӯши чиптаҳо аз Маскав низ ба роҳ монда шавад.

Гарчанде дар сомонаи расмии Роҳи оҳани Тоҷикистон нархи чиптаҳо ҳанӯз дастрас нест, дар сомонаи Роҳи оҳани Русия арзиши билет барои сафар аз Душанбе ба Маскав дар рӯзи 21-уми июн 20 ҳазору 89 рубли русӣ нишон дода шудааст, ки муодили беш аз 2 ҳазору 600 сомонӣ мебошад.

2-юми июн Вазорати нақлиёти Тоҷикистон нархи билети қатораи Душанбе - Маскавро эълон кард. Ба иттилои вазорат нархи билети қатораи "Душанбе - Маскав" барои 21-уми июн дар вагони умумӣ 2 ҳазору 617 сомонӣ ва дар вагони ҳуҷрадор (купе) 3 ҳазору 713 сомонӣ муайян шудааст.

### ОСОН КАРДАНИ РАФТУОМАДИ МУҲОҶИРОН

Масъалаи барқарор намудани ҳаракати қатора миёни Тоҷикистону Русия моҳи апрели соли ҷорӣ дар шаҳри Санкт-Петербург зимни мулоқоти муовинони вазирони нақлиёти ду кишвар - Шоиста Саидмуродзода ва Дмитрий Зверев мавриди баррасӣ қарор гирифта буд. Дар он воҳӯрӣ ҳамчунин масъалаи роҳандозии ҳаракати автобусҳо байни шаҳрҳои Тоҷикистон ва Русия низ муҳокима шудааст.

Коршиносон бар ин назаранд, ки азсаргирии ҳаракати қатораи «Душанбе - Маскав» метавонад барои ҳазорон шаҳрванди Тоҷикистон, бахусус муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаҳои онҳо имконияти нисбатан арзону дастрас барои сафар ба Русия фароҳам оварад. Роҳи оҳан ҳамеша яке аз воситаҳои маъмултарини ҳамлу нақли мусофирон байни ду кишвар ба ҳисоб мерафт.

### АЗ ПАНДЕМИЯ ТО ЭҲЁИ ХАТСАЙР

Ёдовар мешавем, ки ҳаракати қатора дар масири «Душанбе - Маскав» соли 2020 бо сабаби паҳншавии бемории ҳамагири коронавирус қатъ гардида буд. Дар тӯли шаш соли охир ин хатсайр фаъол набуд ва мусофирон асосан аз нақлиёти ҳавоӣ истифода мекарданд. Ҳоло байни Тоҷикистону Русия қатораҳои мусофирбар дар хатсайрҳои «Кӯлоб - Волгоград», «Душанбе - Волгоград» ва «Хуҷанд - Волгоград» ҳафтае як маротиба ҳаракат мекунанд. Бо барқарор шудани масири «Душанбе - Маскав» шабакаи робитаҳои роҳи оҳани байни ду кишвар боз ҳам густариш меёбад ва барои мусофирон имконоти бештар фароҳам хоҳад шуд.

**О. СОҲИБЗОДА**

# ПАРВАНДА АЛАЙҲИ ОМӮЗГОРЕ, КИ ЛАТУКӮБ ШУД



**Муҳимҷон Раҳмонов, омӯзгори ноҳияи Нуробод, ки чанде пеш иддао карда буд аз ҷониби бародари яке аз хонандагонаш латукӯб ва таҳдид шудааст, мегӯяд нисбат ба худи ӯ парвандаи маъмурӣ боз шудааст.**

Ба гуфтаи Раҳмонов, рӯзи 1-уми июн дар шуъбаи корҳои дохилии ноҳия аз ӯ баёнот гирифтаанд. Ӯ мегӯяд, ки Маҳмадризо Орзуев, падари хонандае, ки омӯзгор аз рафтори таълимии ӯ ва бародараш шикоят карда буд, аз болои ӯ ариза навиштааст. Ба гуфтаи омӯзгор, дар шикоят гуфта шудааст, ки ӯ нисбати духтари ин шаҳрванд суханони қабеҳ истифода кардааст. Ҳамчунин, волидайни як хонандаи дигар низ аз болои ӯ шикоят бурдаанд. Муҳимҷон Раҳмонов дар суҳбат ба "Азия плюс" эътироф мекунад, ки ҳангоми суҳбат бо хонанда дар ҳақиқат як ибораи қабеҳ ба забон овардааст, аммо иддаои дигарро, ки гӯё шогирдашро латукӯб кардааст, комилан рад мекунад. Ба гуфтаи ӯ, ин гуна шикоятҳо барои фишор овардан ва водор сохтани ӯ ба бозпас гирифтани аризаи аввалия истифода мешаванд. Омӯзгор мегӯяд, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нисбаташ тибқи қисми 3-и моддаи 90-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи маъмурӣ оғоз кардаанд. Ин модда барои иҷро накардани ӯҳдадориҳо дар самти таълиму тарбияи кӯдак ва истифодаи зӯроварӣ ҷарима пешбинӣ мекунад. Дар ҳамин ҳол, мақомот дар бораи ин қазия шарҳи расмӣ надодаанд. Аз Суди ноҳияи Нуробод низ ба расонаҳо гуфтаанд, ки ҳанӯз ягон парванда вобаста ба Муҳимҷон Раҳмонов ё Миралӣ Орзуев барои баррасӣ ворид нашудааст.

Ёдовар мешавем, ин қазия баъди он расонаӣ гардид, ки омӯзгор иддао кард шаби 8-уми май аз ҷониби Миралӣ Орзуев, бародари яке аз хонандагонаш мавриди латукӯб қарор гирифтааст. Ин ҳодиса бахси густурдаеро дар ҷомеа ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба вуҷуд оварда, бисёриҳо хостори баррасии одилонаи он шуданд. То кунун мақомот нисбат ба ин ҳодиса қарор ё натиҷаи ниҳоиро эълон накардаанд.

## РЕЗААХБОР

Дар Душанбе муҳоҷирони тоҷикро барои супурдани имтиҳони забони русӣ ба таври ройгон омода мекунанд. Вазорати меҳнат ва муҳоҷират 3-юми июн гуфт, ки дарсҳо дар "Марказҳои машваратӣ ва омодагии пеш аз сафари муҳоҷирони меҳнатӣ"-и Хадамоти муҳоҷират рӯзҳои сешанбе ва панҷшанбе дар кӯчаи Айнӣ, 121 мегузаранд. Хоҳишмандон метавонанд ба ин суроға муроҷиат намоянд.

***

31-уми май, пас аз се моҳи қатъи парвозҳо миёни Тоҷикистону Эрон, ки бо ҳамлаи Амрикову Исроил дар 28-уми феврал ба хоки Ҷумҳурии Исломӣ лағв шуда буд, аз шаҳри Теҳрон ба Душанбе парвоз анҷом шуд. Дар ин хатсайр, ки ширкати ҳавопаймоии "Вориш"-и Эрон анҷом дод, 92 тан ба Душанбе омаданд. Аксари онҳо шаҳрвандони Эрон буданд. Дар масири баргашт 122 нафари дигар ба Теҳрон баргаштанд.

***

Раҳим Саидзода, вазири маориф ва илми Тоҷикистон ба яке аз мактабҳои ноҳияи Балҷувон рафта, аз ҳолати беҳдоштии синфхонаҳо ва иштироки хонандагон дар дарс нигаронӣ кардааст. Боздиди вазир маълум кардааст, ки "бархе хонандагон дар дарс ҳузур надошта, синфхонаҳо ва муҳити таълимӣ ба талаботи беҳдоштӣ ҷавобгӯ нестанд". Ӯ ба мудиру омӯзгорони муассиса дастур додааст, ки камбудиҳои ҷойдоштаро бартараф кунанд.

***

Китобхонаи Айнӣ дар Кӯлоб бо харҷи 4 млн сомонӣ навсозӣ мешавад. Ба гуфтаи мақомоти вилояти Хатлон, корҳои сохтмонӣ то моҳи сентябр ба анҷом мерасанд.

***

Ба истиқболи 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар ноҳияи Рашт беш аз 400 иншоот бунёд хоҳад шуд. "То ҳол 298-тои он мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтааст",- иттилоъ дод ҳукумати маҳаллӣ. "Аз тарафи соҳибкорони маҳаллӣ бунёди 221, ҳукумати маҳаллӣ 10, ҳамбастагии мақомоти маҳаллӣ ва аҳолӣ 9, шариконӣ рушд 23 ва ташкилоту идораҳои ҷумҳуриявӣ 15 иншоот сохта мешаванд",- афзуд манбаъ.

# НАРХИ СЕМЕНТ
## пас аз супориши Президент

**Пас аз чанд ҳафтаи болоравии якбораи нархи семент дар Тоҷикистон, мақомот мегӯянд, ки вазъ тадриҷан ба эътидол омада истодааст. Ба иттилои Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Тоҷикистон, нархи семент дар бозорҳо тақрибан 16-20 сомонӣ ё худ то 23 дарсад коҳиш ёфтааст. Ин дар ҳолест, ки чанд рӯз пеш дар бисёре аз минтақаҳои кишвар, аз ҷумла шаҳри Душанбе норасоии семент ба мушоҳида мерасид ва нархи як халтаи 50-килоӣ то 70-85 сомонӣ боло рафта буд. Ин қиматӣ якбора нигаронии харидорон, сохтмончиён ва фурӯшандагонро ба миён овард. Ҳафтаномаи “Тоҷикистон” ва Pressa.tj низ ҳафтаи гузашта дар ин маврид мақолаи таҳлилӣ таҳти унвони “Мушкилоти семент дар Тоҷикистон. Чаро бо вуҷуди зиёд шудани истеҳсоли семент нархи он боло меравад?” (№21 (1685), аз 27-уми майи соли 2026) нашр карда буданд.**



**«АГАР САРВАРИ ДАВЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ҶАЛАСАИ ҲУКУМАТ БА МАСЪАЛАИ БОЗОРИ СЕМЕНТ ДАХЛ НАМЕКАРД, ЭҲТИМОЛ НАРХ БОЗ ҲАМ БОЛОТАР МЕРАФТ. БАЪДИ ИН ДАХОЛАТ МАҚОМОТ ФАЪОЛ ШУДАНД ВА НАРХ ТО АНДОЗАЕ КОҲИШ ЁФТ.**

### ДАХОЛАТИ ПРЕЗИДЕНТ

28-уми майи соли равон дар ҷаласаи Ҳукумати кишвар Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон таъкид кард, ки семент барои рушди соҳаи сохтмон, зерсохтор ва иқтисоди миллӣ аҳамияти калидӣ дорад. Ба гуфтаи ӯ, гаронишавии нархи ин маҳсулот метавонад ба арзиши манзил, сохтмони иншооти иҷтимоӣ ва татбиқи лоиҳаҳои давлатӣ таъсири манфӣ расонад. Пас аз ин нигаронӣ Хадамоти зиддиинҳисорӣ гурӯҳи корӣ таъсис дода, масъулинро ба бозорҳои шаҳри Душанбе, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, вилоятҳои Суғд ва Хатлон сафарбар кард. Ба гуфтаи мақомот, танҳо дар як шабонарӯз вазъият қисман ба эътидол оварда шуд.

Мониторинги рӯзи 29-уми май нишон додааст, ки ҳоло нархи як халта семент дар Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз 54 то 60 сомонӣ буда, дар баъзе минтақаҳо бо назардошти хароҷоти нақлиёт то 65 сомонӣ мерасад. Дар вилояти Суғд нарх аз 60 то 65 сомонӣ ва дар вилояти Хатлон аз 54 то 63 сомонӣ муайян шудааст.

Коршиносон мегӯянд, казияи ахири семент нишон дод, ки бозори дохилии Тоҷикистон ҳанӯз ҳам аз омилҳои мавсимӣ, фаъолияти миёнаравон ва мушкили тақсимоти ин маҳсулоти сохтмонӣ вобаста мебошад. Дар мавсими сохтмон талабот ба семент якбора зиёд мешавад. Агар дар ҳамин давра баъзе корхонаҳо барои таъмир ё дигар сабабҳо муваққатан фаъолияташонро кам кунанд, бозор зуд ба камбуди маҳсулот рӯ ба рӯ мегардад. Ин ҳолат ба миёнаравон имкон медиҳад, ки нархро боло баранд, вазъиятро ба фоидаи худ истифода кунанд.

Аз ҷониби дигар, мушоҳидаҳои рӯзҳои охир нишон дод, ки истеҳсоли зиёд ҳанӯз маънои дастрасии баробари маҳсулот дар ҳама минтақаҳо нест. Агар низоми таъмин ва назорати нарх дуруст кор накунад, маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ низ метавонад дар бозор бо нархи баланд фурӯхта шавад.

### НАҚШИ МИЁНАРАВОН ДАР БОЛОРАВИИ НАРХ

Зимни як боздид аз бозори “Кӯшониён” ба хабарнигори “Тоҷикистон” ва Pressa.tj муяссар шуд, ки бо фурӯшандагон суҳбат кунад. Орифҷон, ки дар ин бозор семент мефурӯшад, мегӯяд, фурӯшандагони хурд сементро мустақиман аз корхонаҳои истеҳсолӣ гирифта наметавонанд. Ба гуфтаи ӯ, онҳо маҳсулотро аз дилерҳо ё миёнаравон дастрас мекунанд. Баъдан, онҳо ба мардум мефурӯшанд. Яъне, дар амал бозорро на худи истеҳсолкунанда, балки миёнаравон бо маҳсулот таъмин мекунанд. Табиист, ки дар чунин шароит нархро низ бештар ҳамин гурӯҳҳо муайян мекунанд. “Бардорад, зам кун...” бештар шиори амали онҳост!

Орифҷон пешниҳод мекунад, ки барои фаровон шудани бозор аз кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла Ӯзбекистон ва Покистон воридоти семент иҷозат дода шавад. Ба назари ӯ, рақобати бештар метавонад нархро поин нигоҳ дорад ва аз камбуди сунъӣ пешгирӣ кунад.

### ЧОРАҲОИ НАВ...

Масъалаи воридоти семент баҳсбарангез аст. Ба андешаи коршинос Аброр Мирсаидов, Тоҷикистон солҳои охир истеҳсоли сементро зиёд кардааст.

“Ҳадафи асосӣ ин дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ ва таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти худӣ мебошад. Аммо агар дар мавсими серталабот бозор бо норасоӣ рӯ ба рӯ шавад ва нархҳо сунъӣ боло раванд, воридоти муваққатӣ метавонад ҳамчун воситаи танзими бозор истифода шавад. Ин на ба маънои заиф кардани истеҳсоли дохилӣ, балки як навъ фишанги рақобат барои пешгирии болоравии беасоси нарх мебошад”,- мегӯяд ӯ.

Ба назари коршинос, бояд миёни дастгирии корхонаҳои ватанӣ ва ҳифзи манфиати истеъмолкунандагон тавозун нигоҳ дошта шавад. Агар бозор танҳо дар ихтиёри чанд гурӯҳи таъминкунанда ё миёнарав монад, чунин ҳолат метавонад дар ҳар мавсими сохтмон такрор шавад.

Дар ин ҳолат воридоти семент аз кишварҳои истеҳсолкунанда ба мӯътадил нигоҳ доштани нархи дохилӣ мусоидат намояд.

Акнун Ҳукумати Тоҷикистон тасмим гирифтааст, ки барои пешгирӣ аз такрори вазъи ба амаломада чораҳои нав андешад. Аз ҷумла, ба ниҳодҳои блоки иқтисодӣ супориш шудааст, ки бозори дохилӣ пурра бо сементи истеҳсоли ватанӣ таъмин гардад. Дар 2-3 соли оянда 4 корхонаи нави истеҳсоли семент сохта шаванд. Албатта, бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ хуб аст, аммо муҳим он аст, ки маҳсулот саривақт ба бозор расад. Инчунин, низоми тақсимот бояд шаффоф бошад ва миёнаравон имкони боло бурдани сунъии нархро надошта бошанд.

Коршиносон мегӯянд, ки агар Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи Ҳукумат ба масъалаи бозори семент дахл намекард, эҳтимол нарх боз ҳам болотар мерафт. Баъди ин дахолат мақомот фаъол шуданд ва нарх то андозае поён рафт. Аммо барои он ки чунин вазъ такрор нашавад, назорат бояд мавсимӣ не, балки доимӣ бошад. Зеро семент танҳо як маҳсулоти сохтмонӣ нест. Он ба нархи хона, сохтмони мактаб, беморхона, роҳ, пул ва дигар иншооти ҳаётан муҳим таъсир мерасонад.

### НАРХ ДАР ҲАМА ҶО РИОЯ МЕШАВАД?

Аммо, бо вуҷуди коҳиш ёфтани нархҳо, хонандагони Pressa.tj мегӯянд, ки нархи пешниҳодшуда на дар ҳама ҷо риоя мешавад. Дар баъзе нуқтаҳо фурӯшандагон то ҳол сементро гаронтар мефурӯшанд ё нархро бо баҳонаи хароҷоти нақлиёт ва камбуди маҳсулот гарон нигоҳ медоранд.

Ин ҳолат нишон медиҳад, ки танҳо эълони нархи миёна кофӣ нест. Мақомоти дахлдор бояд назорати воқеии бозорро пурзӯр кунанд, махсусан дар нуқтаҳои чаканафурӯшӣ, ки харидори одӣ бештар бо онҳо сарукор дорад.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар бозорҳо рақамҳои телефонҳои боварии Хадамоти зиддиинҳисорӣ ва дигар мақомоти масъул насб карда шаванд. Мардум бояд дар сурати боло бурдани сунъии нарх ё риоя нашудани нархи муайяншуда имкони муроҷиати фаврӣ дошта бошанд.

**Усмон РАҲИМЗОДА**

## НИЗОМИ НАВИ РУХСАТНОМАҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

**Дар Тоҷикистон низоми нави рухсатномаҳои электронӣ (Electronic permit System) ва платформаи мутамаркази пардохт ба кор даромад. Он раванди таҳия ва мубодилаи рухсатномаҳои нақлиётиро дар мамлакат сода ва рақамӣ мегардонад.**

Ба иттилои Вазорати нақлиёти Тоҷикистон, низоми нави рухсатномаҳои электронӣ ва платформаи мутамаркази биллингӣ раванди додани рухсатномаҳои нақлиётиро дар ҷумҳурӣ барои ҳамлу нақли байналмилалӣ сода мегардонад ва ба формати рақамӣ табдил медиҳад.

“Ин низом як қадами муҳим дар роҳи баланд бардоштани суръат, шаффофият ва бехатарии хизматрасониҳои нақлиётӣ мебошад”,-иттилоъ медиҳад манбаъ.

Гуфта мешавад, ки вазирони нақлиёти Тоҷикистон ва Ӯзбекистон расман созишномаи табодули иҷозатномаҳои электрониро (ePermit) имзо кардаанд.

Дар рӯзҳои аввали пас аз оғози кор Тоҷикистон 100 адад рухсатномаи аввалини электрониро тавассути низоми нав ба Ӯзбекистон интиқол додааст.



Низоми нави рухсатномаҳои электронӣ ба ширкатҳои нақлиётӣ муҳити бехатар ва ҳамгиришударо барои пешниҳоди дархостҳои дастаҷамъона, идоракунии тақсимоту истифодаи рухсатномаҳо, самаранокӣ ва шаффофияти пардохтҳо фароҳам меорад.

Ҳисоббаробаркунии мутамарказ бо низомҳои бонкӣ ва хизматрасониҳои пардохтҳои мобилӣ ҳамгиро мешавад ва санҷиши онлайнӣ, муқоисаи автоматӣ ва шаффофияти пурраи молиявиро тавассути тадбирҳои боэътимоди ҳифзи маълумот таъмин мекунад. Бо ҷорӣ шудани низоми нав, вақти барои гирифтани рухсатномаи зарурӣ хеле коҳиш ёфт.

# ТОҶИКОНИ МУВАФФАҚ ДАР РУСИЯ

## Чеҳраҳое, ки миёни ду кишвар пул месозанд

**Муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия таърихи тӯлонӣ ва заминаи мустаҳками ҳамкорӣ доранд. Имрӯз ҳазорҳо шаҳрвандони Тоҷикистон дар Русия кору фаъолият намуда, дар рушди иқтисоди ҳар ду кишвар саҳм мегузоранд. Дар баробари муҳоҷирони меҳнатӣ, ки бо заҳмати ҳалол барои таъмини рӯзгори худ ва оилаҳояшон фаъолият мекунанд, намояндагони зиёде аз миллати тоҷик низ ҳастанд, ки дар соҳаҳои соҳибкорӣ, илм, фарҳанг, варзиш, идоракунии давлатӣ ва фаъолияти ҷамъиятӣ ба дастовардҳои назаррас ноил шудаанд.**

Дар даҳсолаҳои охир ҷомеаи тоҷикони муқими Русия ба як нерӯи муҳими иҷтимоӣ ва фарҳангӣ табдил ёфтааст. Бисёре аз намояндагони он на танҳо дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии Русия мақоми шоиста касб намудаанд, балки ҳамчун пайвандгари дӯстӣ ва ҳамкории байни ду кишвари ҳампаймон хизмат мекунанд. Маҳз тавассути фаъолияти чунин шахсиятҳо имкониятҳои нав барои рушди робитаҳои иқтисодӣ, сармоягузорӣ, фарҳангӣ ва башардӯстона фароҳам мегарданд.

Чанде пеш нашрияи русии «Завтра» бо такя ба пажӯҳиши яке аз марказҳои таҳлилӣ рӯйхати шахсиятҳои тоҷиктабореро пешниҳод намуд, ки ба андешаи муаллифон, дар фазои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ҷамъиятии Русия нуфуз ва таъсири назаррас доранд. Албатта, ҳар гуна рейтинг ё рӯйхат хусусияти таҳлилӣ дошта, метавонад мавриди баҳсу баррасӣ қарор гирад. Аммо худи кӯшиши муаррифии тоҷиконе, ки дар кишвари дигар ба муваффақият расидаанд, ҷолиби таваҷҷуҳ мебошад.

Ҳадафи мо аз бознашри ин рӯйхат на баҳогузорӣ ба дараҷаи нуфузи шахсони алоҳида, балки муаррифии чеҳраҳое мебошад, ки бо дониш, истеъдод, фаъолияти касбӣ, ташаббусҳои иқтисодӣ ва ҷамъиятии худ дар ҷомеаи Русия мавкеи муайян пайдо кардаанд. Сарнавишти ҳар яке аз онҳо намунаест аз имкониятҳое, ки меҳнат, дониш ва масъулиятшиносӣ барои инсон фароҳам меоранд.

Имрӯз, дар шароите, ки Тоҷикистон таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сиёсати фаъолонаи ҳамкорӣ бо кишварҳои шарик, аз ҷумла Федератсияи Русияро пеш мебарад, ҳар як шахсияти муваффақ метавонад ҳамчун василаи таҳкими робитаҳои дӯстона, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории созанда байни мардумони ду давлат арзёбӣ гардад.

Рӯйхати зер маҳз аз дидгоҳи шиносоӣ бо чеҳраҳои маъруф ва муваффақи тоҷиктабор, ки фаъолияти онҳо ба гунае бо ҷомеаи Русия пайванд дошта, дар арсаҳои гуногун нақши худро гузоштаанд, пешниҳод мешавад.



Раҳим Азимов

# ЯГОНА ТОҶИК ДАР ДУМАИ ДАВЛАТИИ РУСИЯ

**РАҲИМ АЗИМОВИ 61-СОЛА ЯКЕ АЗ ЧЕҲРАҲОИ ШИНОХТАИ СИЁСИИ ТОҶИКТАБОР ДАР ФЕДЕРАТСИЯИ РУСИЯ БА ШУМОР МЕРАВАД. Ӯ АЙНИ ЗАМОН ВАКИЛИ ДУМАИ ДАВЛАТИИ ФЕДЕРАТСИЯИ РУСИЯ ВА МУОВИНИ ЯКУМИ РАИСИ КУМИТАИ ДУМАИ ДАВЛАТӢ ОИД БА АМНИЯТ ВА МУҚОВИМАТ БО КОРРУПСИЯ МЕБОШАД.**



Раҳим Азимов дар Шӯроби шаҳри Исфараи вилояти Суғд ба дунё омадааст. Донишкадаи кӯҳкории Ленинградро хатм намуда, фаъолияти меҳнатиашро ҳамчун муҳандис дар кони шаҳри Воркутаи Ҷумҳурии Коми оғоз кардааст.

Аз солҳои аввали баъди фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ дар сохторҳои иқтисодӣ ва давлатии Ҷумҳурии Коми фаъолият намуда, баъдан вазифаҳои гуногуни роҳбарикунандаро дар мақомоти давлатӣ ва ширкатҳои бузурги Русия ба ӯҳда дошт. Ӯ инчунин дар Хадамоти федералии назорати гардиши маводи мухаддир ва як қатор корпоратсияҳои бузурги давлатӣ ва хусусӣ фаъолият кардааст. Соли 2002 намояндаи Ҷумҳурии Коми дар Шурои Федератсия гардид. Аз соли 2016 вакили Думаи давлатии Федератсияи Русия мебошад. Дар фаъолияти парлумонии худ ба масъалаҳои амният, рушди иҷтимоӣ, сиёсати минтақавӣ ва ҳифзи арзишҳои анъанавӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир менамояд.

Раҳим Азимов дорои унвони доктори илмҳои техникӣ буда, дар баробари фаъолияти сиёсӣ ва давлатӣ ба корҳои ҷамъиятӣ ва хайриявӣ низ машғул аст. Бо ташаббуси ӯ дар вилояти Киров чандин лоиҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла барқарорсозии ёдгориҳои таърихӣ ва дастгирии собиқадорон амалӣ шудаанд.

Ӯ бо як қатор мукофотҳои давлатии Русия ва кишварҳои дигар, аз ҷумла ордени Александр Невский, медали ордени «Барои хизматҳо дар назди Ватан» ва ордени «Дӯстлик»-и Ҷумҳурии Ӯзбекистон сарфароз гардидааст.

Тибқи маълумоти дастрас, Раҳим Азимов ягона зодаи Тоҷикистон аст, ки имрӯз дар ҳайати амалкунандаи парламенти Федератсияи Русия фаъолият мекунад ва дар доираҳои сиёсӣ ва давлатии ин кишвар аз нуфузи назаррас бархӯрдор мебошад.

**(Идома дорад)**

**Таҳия, тарҷума ва такмили Шариф Ҳамдампур**

# НИСОР МУҲАММАД




*Нисор Муҳаммад, соли 1936.*

**ДУ ҲАФТАИ ОХИР ОРОМГОҲИ ЛУЧОБИ ПОЙТАХТ СЕРОДАМ АСТ. НАМОЯНДАГОНИ КАСБУ КОРИ ГУНОГУН БА ЗИЁРАТИ СЕ МАЗОРИ НАВ МЕОЯНД. МАЗОРИ ҚАҲРАМОНОНИ ТОҶИКИСТОН - НУСРАТУЛЛО МАХСУМУ ШИРИНШОҲ ШОҲТЕМУР ВА ХОДИМИ НАМОЁНИ ДАВЛАТӢ НИСОР МУҲАММАД, КИ СОЛИ 1937 ҚУРБОНИ РЕПРЕССИЯИ СТАЛИНӢ ШУДАНД. ВА 19-УМИ МАЙИ СОЛИ РАВОН, ПАС АЗ ҚАРИБ 90 СОЛИ ФАВТИ ЭШОН МУШТЕ АЗ ХОКИ МАЗОРАШОН БА ВАТАН ОВАРДА ШУД.**



*Духтарони Нисор Муҳаммад — Нора, Гулнор, ва Ирина. Соли 1994.*



*Баз-писари Нисор Муҳаммад*

## ШИНОХТЕ АЗ НИСОР МУҲАММАД

Дар бораи қаҳрамонони Тоҷикистон Нусратулло Махсум ва Шириншоҳ Шоҳтемур ҳамагон маълумот доранд. Китобу мақолаҳои зиёде ҳам нашр шудааст, гарчанде сафҳаҳои зиёди рӯзгору корномаи эшон ҳанӯз норавшан аст. Вале дар бораи Нисор Муҳаммад кам андар кам маълумот доранд.

Нисор Муҳаммад соли 1897 дар Пешовар (имрӯз яке аз вилоятҳои Покистон) таваллуд шудааст. Дар 15-рӯзагӣ аз модар ва дар 15-солагӣ аз падар маҳрум мегардад. Дар овони ҷавонӣ ба ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳии Ҳиндустону Афғонистон муқобили истеъморгарони инглис дар минтақа мепайвандад. Солҳои 1914-1915 дар донишкадаи Пешовар таҳсил кардааст. Баъдан дар Кобул таҳсилу фаъолияташро идома медиҳад. Соли 1919 шоҳи Афғонистон Амонуллохон бо нерӯҳои инглис вориди ҷанг мешавад. Ин ҷанг дар таърих ҳамчун ҷанги сеюми афғону инглис машҳур аст. Нисор Муҳаммад дар ин ҷанг иштироки фаъол дошт ва аз ҷониби Амонуллохон бо медали “Барои шуҷоати ҷангӣ” сарфароз шудааст. Соли 1921 бо як қатор инқилобиён ба шаҳри Тошканд меояд ва фаъолияташро ҳамчун омӯзгор дар Мактаби харбии шарқӣ идома медиҳад. Муддате устоди Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна (Тошканд) будааст. Дар ин ҷо ӯ бо ходимони намоёни давлатӣ - Шириншоҳ Шоҳтемур, Нусратулло Махсум, Чинор Имомов, Абдуқодир Муҳиддинов, Абдураҳим Ҳоҷибоев аз наздик шиносоӣ пайдо мекунад.

Баъдан ба корҳои масъули давлатӣ ҷалб шуда, дар вазифаҳои гуногун - раиси комиссияи илмии тоҷикии Комиссариати халқии маорифи Туркистон, раиси комиссияи илмии маорифи ҶШС Ӯзбекистон, раиси идораи нашриёти давлатии ҶМШС Тоҷикистон кор кардааст. Аввалин ректори Дорулмуаллимини тоҷик дар Тошканд буд. Дар нашри нахустин рӯзномаҳои тоҷикӣ - “Овози тоҷик” ва “Иди тоҷик” саҳм гирифтааст. Яке аз он нафароне аст, ки барои Ҷумҳурии иттифоқӣ шудани Тоҷикистон талошҳои зиёде кардааст... Нисор Муҳаммад ду маротиба - солҳои 1928-1929 ва 1930-1932 ба вазифаи Комиссари (вазири) халқии маорифи Тоҷикистон таъйин гардид. Дар ин давра шумораи мактабҳо, омӯзишгоҳҳо ва мактабҳои олии бозшуда зиёд гардид. Аввалин бор дар шаҳрҳои Хуҷанд ва Душанбе таъсиси мактабҳо ба роҳ монда шуд. Муаллифи китоби дарсии “Алифбо” (1924), “Роҳнамои ҳисоб” (1923) ва мураттиби маҷмӯаи “Достонҳои қаҳрамонӣ ва афсонаҳои тоҷикони Шуғнон” (1923) мебошад.

*Барои шинохти бештаре аз Нисор Муҳаммад бо набераи ӯ Софя Кизас, ки дар шаҳри Москва зиндагӣ мекунад, ҳамсуҳбат шудем.*

## СОЯИ ТАРС ВА ХОМӮШӢ

**- Хонум Софя, вақте хабар ёфтед, ки мушт аз хоки оромгоҳи Нисор Муҳаммад аз Москва ба Тоҷикистон интиқол дода мешавад, чӣ эҳсос доштед?**

- Ростӣ, ин хабарро аз расонаҳо шунидем. Пеш аз баргузории он касе ба мо чизе нагуфта буд. Вақте хабар расид, эҳсосоти ногуфтанӣ доштем. Аз як тараф, ҳисси ифтихор моро фаро гирифта буд. Зеро бобои мо барои Тоҷикистон хизмат кардааст ва ниҳоят баъд аз тақрибан 90 соли маргаш Ватан ба қадри ӯ расид. Аз ҷониби дигар, ғамгин ҳам будем, зеро сарнавишт хеле фоҷиабори ӯ бори дигар пешни назар омад. Ӯ яке аз қурбониёни таъқиботи солҳои сиюм гардид ва солҳои зиёд номи ӯ зери сояи тарс ва хомӯшӣ монда буд.

Аммо, муҳимтар аз ҳама, барқарор шудани адолат моро шод кард. Барои ин, мо - хонаводаи Нисор Муҳаммад аз Президенти мухтарами Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон сипосгузор ҳастем.

**- Имрӯз авлоди Нисор Муҳаммад чанд нафаранд? Оё ҳама бо ҳам иртибот доред?**

- Авлоди Нисор хеле зиёд аст. Дар Москва се набераи ӯ зиндагӣ мекунанд - Елена, Анна ва ман - Софя. Дар Санкт-Петербург як набераи ӯ, ки Нина ном дорад. Дар шаҳри Минералние Води Ирина ва Татяна ҳастанд. Дар Пятигорск бошад, Вера ва Надежда зиндагӣ мекунанд. Дар баробари ин, имрӯз фарзандон, наберагон, аберагон ва ҳатто чабераи Нисор Муҳаммад хотираи ӯро пос медоранд. Мо пайвандони Нисор Муҳаммад бо ҳам иртиботи наздик дорем.

## ҚУРБОНИИ ТУҲМАТ

**- Аввалин бор кай дарк кардед, ки шумо набераи яке аз чеҳраҳои маъруфи сиёсӣ ва фарҳангии Тоҷикистон ҳастед?**

- Ман аз кӯдакӣ медонистам, ки падари модарам шахси репрессияшуда буд. Ин солҳои ҳафтодум буд. Аммо модарам дар бораи кӯдакии худ бисёр кам ҳарф мезад. Фикр мекунам ин мавзӯъ барои ӯ хеле дарднок буд. Насли онҳо ба хомӯшӣ одат карда буданд. Дар замони шуравӣ одамон дар бораи чунин воқеаҳо кам суҳбат мекарданд. Ман танҳо медонистам, ки бобоям қурбонии репрессия шудааст. Тафсилоти бештарро хеле дертар фаҳмидам. Баъзе ҳақиқатҳо дар солҳои бозсозӣ ошкор шуданд. Холаам Нора ба бойгонӣ дастрасӣ пайдо кард ва парвандаи бобиямро дид. Дар он ҷо ҳуҷҷати сафедкунӣ низ мавҷуд буд. Дар ҳуҷҷат навишта шуда буд, ки дар фаъолияти ӯ “таркиби ҷиноят” вуҷуд надоштааст. Яъне ӯ қурбони туҳмат шуда буд.

**- Дар оилаи шумо дар бораи Нисор Муҳаммад чӣ гуна ёд мекарданд?**

- Ӯ бештар ҳамчун шахси азизу гумшуда дар хотираи аҳли оила зинда буд. Дар бораи фаъолияти сиёсӣ ва давлатии ӯ камтар ҳарф мезаданд, аммо ҳама медонистанд, ки ӯ инсони донишманд ва омӯзгор будааст. Дар бораи ӯ бештар Анна Борисовна - ҳамсари дуюми Нисор, ки барои мо ҳамчун бибии ҳақиқӣ буд, нақл мекард. Анна Борисовна дар ҷавонӣ шогирди Нисор буд. Забони англисӣ ва чанд забони шарқиро медонист. Дар муассисаҳои бузурги иттилоотии шуравӣ кор мекард. Бойгонии боқимондаи Нисор Муҳаммад дар дасти ӯ нигоҳ дошта мешуд. Дар он солҳо, ҳатто дар муҳити оила бисёр чизҳоро ошкор намегуфтанд, аммо эҳтиром нисбат ба номи Нисор ҳамеша вуҷуд дошт.

## ФАРЗАНДОНИ НИСОР МУҲАММАД

**- Сарнавишти фарзандони Нисор Муҳаммад чӣ гуна сурат гирифт?**

- Нисор Муҳаммад дар Иттиҳоди Шуравӣ ду маротиба издивоҷ кардааст. Аввал бо Вера, баъдан бо Анна. Ӯ се духтар ва як писар дошт.

Духтари калонӣ **Ирина Нисоровна** соли 1923 дар Тошканд ба дунё омадааст. Пас аз боздошти падар ҳамроҳи модараш Вера ба Ӯзбекистон баргашт. Дар Намангон зиндагӣ кард. Солҳои охири умраш дар Минералние Води гузаштааст. Як умр мураббии кӯдакистон буд. Ӯ се духтар дошт - Ирина, Татяна ва Нина.

**Баз Нисорович** - писари Нисор Муҳаммад соли 1926 дар Самарқанд таваллуд шудааст. Ӯ Донишкадаи хоҷагии оби Москваро хатм кард ва яке аз мутахассисони маъруфи соҳаи мелиоратсия буд. Солҳои зиёд роҳбари низоми обёрии Тереку Кум буд ва унвони «Мелиоратори хизматнишондодаи РСФСР»-ро гирифт.

# ДАР СОЯИ ТАРС ВА ХОМӮШӢ

Баъдтар сармелиоратори тамоми кишвари Ставропол шуд. Мутаассифона, барвақт, дар синни 56-солагӣ аз бемории гурда даргузашт.

Духтари сеюм **Гулнор Нисоровна** - модари ман аст. Ӯ соли 1932 дар Душанбе таваллуд шудааст. Баъдан тамоми умр дар Москва зиндагӣ кард. Факултаи ҷуғрофияи Донишгоҳи давлатии Москваро хатм намуда, қариб чил сол дар Институти «Гидропроект» фаъолият кард.

Духтари хурдӣ **Нора** низ тамоми умр дар Москва зиндагӣ кард ва маҳз ӯ дар солҳои бозсозӣ барои омӯзиши сарнавишти падараш бисёр кӯшиш намуд.

**- Дар баъзе манбаъҳо дар бораи фарзанди Нисор Муҳаммад дар Покистон низ маълумот нашр шудааст. Шумо дар ин бора чӣ назар доред?**

- Ман шахсан дар ин бора вақте режиссёр Сафарбеки Солеҳ дар бораи бобоям филми ҳуҷҷатӣ сабт мекард, хабардор шудам. То ҷойе медонам, дар ҳақиқат пеш аз омадан ба Иттиҳоди Шуравӣ Нисор Муҳаммад дар Пешовар зиндагӣ мекард ва хешовандонаш дар он ҷо монда буданд. Гӯё бобоям дар он ҷо ҳамсар ва як писар бо номи Содиқ доштааст. Аммо дар бораи бисёр ҷузъиёти ин қисмати зиндагии ӯ маълумоти дақиқ кам аст.

**- Дар як мақола хондам, ки солҳои навадум ду духтари Нисор Муҳаммад ба Покистон сафар карда будаанд...**

- Ин бештар ба афсона монанд аст. Зеро ду духтари ӯ Гулнор ва Нора тамоми умри худро дар Москва гузарониданд. Духтари калонӣ Ирина бошад, то соли 1969 дар Намангон зиндагӣ мекард ва баъд ба Минералние Води кӯчид. Дар оилаи мо дар бораи чунин сафар ҳеҷ гоҳ касе ҳарф назадааст.

## ХОТИРА

**- Боздошти Нисор Муҳаммад ба зиндагии фарзандонаш чӣ таъсир гузошт?**

- Ин фоҷиа барои тамоми оила буд. Пас аз боздошти Нисор ҳамсари аввалаш Вера ба Москва омад ва Иринаву Базро бо худ ба Тошканд бурд. Модари ман Гуля бошад, дар Москва бо Анна Борисовна ва хоҳари хурдӣ Нора монд. Хушбахтона, онҳо ба ятимхона ҳамчун фарзандони «душмани халқ» фиристода нашуданд.

**- Оё авлоди Нисор Муҳаммад имрӯз ҳам хотираи ӯро ҳифз мекунанд?**

- Албатта. Соли 2013 бори аввал ба муносибати ёдбуди бобоямон ҷамъ омадем. Моро коргардон ва ходими маърифи фарҳанг Давлат Худоназаров дар Маскав сарҷамъ кард.



*Аҳли фарҳангу адаби Тоҷикистон дар солҳои 30-юми асри XX. Нисор Муҳаммад бо ҳамсараш Анна Барисовна Кисис. Акс аз китоби "Агар..."-и журналист Шариф Ҳамдампур.*

Баъдтар, соли 2018 коргардон Сафарбеки Солеҳ ҳангоми таҳияи филми мустанади худ бо бисёре аз мо мулоқот кард. Имрӯз мо пайвандони Нисор Муҳаммад кӯшиш мекунем, ки хотираи бобоямонро ҳифз кунем, аксҳои боқимондаро дар хонаҳоямон нигоҳ дорем ва ба фарзандону наберагон аз таърихи оилаи худ бигӯем.

**- Оё касе аз авлоди Нисор Муҳаммад ба Тоҷикистон омадааст?**

- Бале. Мо медонем, ки кӯчаи Чехов дар Душанбе ба номи Нисор Муҳаммад гузошта шудааст. Яке аз аберагони ӯ - Екатерина чанд сол қабл бо сафари корӣ ба Душанбе рафта буд. Ӯ дар назди лавҳаи кӯчаи Нисор Муҳаммад акс гирифтааст. Барои ҳамаи мо донистани он ки Тоҷикистон хотираи бобоямонро пос медорад, хеле муҳим аст.

**- Хонум Софя, имрӯз агар ба зиндагӣ ва фаъолияти бобоятон назар афканед, ба фикри шумо муҳимтарин хизмати ӯ барои Тоҷикистон аз чӣ иборат буд?**

- Ман таърихшинос нестам, аммо аз рӯи ҳуҷҷатҳо, китобҳо ва он чизе, ки дар бораи ӯ хондаам, чунин мешуморам, ки хизмати асосии Нисор Муҳаммад ба соҳаи маориф ва ҳифзи фарҳанги тоҷикон марбут аст.

Ӯ аз ҷумлаи одамоне буд, ки дар солҳои бисёр душвор зарурати рушди маорифро дарк мекард. Вақте ки Тоҷикистон ҳанӯз шабакаи густурдаи мактабҳо надошт, ӯ барои таъсиси муассисаҳои таълимӣ, омода кардани омӯзгорон ва нашри китобҳои дарсӣ талош мекард.

Барои ман ҷолиб аст, ки ӯ танҳо як сиёсатмадор набуд. Ӯ бештар худро омӯзгор ва маорифпарвар меҳисобид.

**- Шумо дар бораи бойгонии оилавии Нисор Муҳаммад ёдовар шудед. Дар он чӣ гуна маводҳо нигоҳ дошта мешаванд?**

- Афсӯс, ки бойгонии Нисор Муҳаммад соли 1937 пурра мусодира шудааст. Бархе аксҳо ва саҳифаҳои рӯзномаҳо, саҳифаҳои аз парвандаи Нисор Муҳаммадро Анна Борисовна нигоҳ медошт. Мо онҳоро ба ихтиёри Сафарбеки Солеҳ гузоштем, то дар филмаш истифода барад.




*Нахустин роҳбарони ҶМШС Тоҷикистон, соли 1925.*



*Ду набера ва ду абераи Нисор Муҳаммад – Елена, Софя (ҳамсуҳбати мо), Екатерина, Наталя*

**- Агар имрӯз имкони муроҷиат ба ҷавонони Тоҷикистонро медоштед, дар бораи Нисор Муҳаммад ба онҳо чӣ мегуфтед?**

- Бобои ман дар Тоҷикистон таваллуд нашудааст, аммо сарнавишти худро бо Тоҷикистон пайваст. Ӯ пас аз омаданаш ба Иттиҳоди Шуравӣ метавонист ба фаъолияти омӯзгорӣ идома диҳад ва зиндагии осудаеро ихтиёр кунад, аммо роҳи дигарро пеш гирифт - роҳи хизмат ба мардуми тоҷик, рушди маорифи тоҷик ва бунёди давлати Тоҷикистон. Имрӯз ҷавонон бояд донанд, ки пешрафти ҳар миллат пеш аз ҳама аз дониш, фарҳанг ва маориф оғоз мешавад.

Нисор Муҳаммад маҳз ба ҳамин арзишҳо бовар дошт. Шояд барои ҳамин, баъд аз қариб як аср мардум ҳанӯз номи ӯро ба некӣ ёд мекунанд ва Президенти Тоҷикистон хоки мазори ӯро ба Душанбе мекӯчонад...

## ПОЁНИ ТАЛХ

*Нисор Муҳаммад соли 1932 ба аспирантураи Институти шарқшиносии ба номи Наримонови шаҳри Москва дохил шуда ва ҳамзамон, дар ин даргоҳ аз забонҳои урду ва пашту дарс мегуфт. Моҳи октябри соли 1937 ӯ ба ҳабс гирифта шуд ва дар қатори ҳазорон нафари дигар қурбони таъқиботи сталинӣ гардид. Ҷасади Нисор Муҳаммадро (чанд рӯз қабл аз Шириншоҳ Шоҳтемур) дар оташдони Оромгоҳи Донскойи Москва сӯзонида, хокистарашро ба Қабристони умумӣ партофтанд...*

## ПАЁМ БА СОФЯ

Рӯзи 30-юми май банда ба зиёрати Оромгоҳи Лучоб рафтам. Он рӯз даҳҳо нафар аз аҳли фарҳанги кишвар низ ба хотири арҷгузорӣ ба хотираи неки Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шоҳтемур ва Нисор Муҳаммад омада буданд. Ин лаҳзаҳоро навор гирифта, ба Софя Кизас - набераи Нисор Муҳаммад фиристодам. Ҳамчунин, намои Лучобро навор гирифта, дар бораи ин Оромгоҳ ба ӯ маълумот додам.

Софя дар посух навишт:

- Навори фиристодаи шуморо ба ҳама пайвандони Нисор Муҳаммад фиристодам. Орзу дорам, ки рӯзе имкон даст диҳаду ин маконро зиёрат кунам...

**Одил НОЗИР,
«ТОҶИКИСТОН»**

Иброҳим Эмомзода:

# СУПОРИШҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ САРМАШҚИ КОРИ ҲАРРӮЗАИ МОСТ

**«ИСТИҚЛОЛ ВОЛОТАРИН ВА ПУРАРЗИШТАРИН ДАСТОВАРДИ ДАВЛАТУ МИЛЛАТИ ТОҶДОРИ ТОҶИК АСТ, КИ 35 СОЛ МУҚАДДАМ МУҲИМТАРИН ВОҚЕАИ ТАЪРИХИИ САРНАВИШТИ МИЛЛАТИ ТОҶИК БА ВУҶУД ОМАД. ИН НЕЪМАТИ БЕБАҲО БАРОБАРИ БА ДАСТ ОМАДАНАШ НУРУ ЗИЁ, МЕҲРУ ВАФО, ОБОДИЮ ОЗОДӢ, ҲАМФИКРИЮ ҲАМЗИСТӢ ВА ОСОИШТАГИВУ АБАДИЯТРО БА МАРДУМИ БУЗУРГИ ТОҶИК ВА ТОҶИКИСТОНИ АЗИЗ ОВАРДААСТ.**




Ноҳияи Ховалинг яке аз ноҳияҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, 23-юми ноябри соли 1930 ташкил ёфтааст. Соли 1958 дар натиҷаи муҳоҷир намудани аҳолии ноҳия ба дигар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб, ноҳия барҳам дода шуда, 26-уми апрели соли 1983 аз нав таъсис дода шуд.

Ба гуфтаи сардори Раёсати Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Ховалинг Иброҳим Эмомзода, дастовард ва пешравиҳои ноҳия маҳз дар замони соҳибистиқлолии ватани азизамон ба амал пайваст.






Дар ин давра роҳҳои дохилӣ ва аҳамияти сатҳи ҷумҳуриявидошта пурра азнавсозӣ карда шуданд. Дар соҳаи тандурустӣ, маориф ва дигар соҳаҳои иҷтимоии ноҳия муассисаҳои наву замонавӣ бунёд ёфта, бо тамоми таҷҳизот ва шароити хуби корӣ таъмин карда шуданд.

- Агар ба даҳ соли охир назар афканем, дар ин давра буҷети ноҳия аз 24,7 млн сомонии соли 2016 ба 105,3 млн сомонӣ дар соли 2026 расонида шуд, ки 4,2 маротиба зиёд мебошад. Фонди музди меҳнат дар ин давра аз 20,7 млн сомонии соли 2016 ба 93,3 млн сомонӣ дар соли 2026 расонида шуд, ки 4,5 маротиба зиёд мебошад,- меафзояд ӯ.

Бояд зикр намуд, ки ноҳияи Ховалинг ноҳияи аграрӣ буда, даромади асосии мардум аз ҳисоби кишоварзӣ ба даст меояд. Ҳамзамон, соҳаи дигари рӯ ба тараққӣ дар ноҳия - ин соҳаи сайёҳӣ буда, солҳои охир шароитҳои беҳтар барои қабули сайёҳон, аз қабили бунёди меҳмонхонаҳои замонавӣ, чойхона, осорхона ва аз нав эҳё намудани маконҳои таърихӣ имкон додааст, ки ноҳия яке аз занҷираҳои сайёҳии ҷумҳуриро ташкил диҳад.

- Ин ҳама самараи Истиқлол аст, ки бевосита бо талошҳои шабонарӯзии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даст омадааст. Президенти мамлакат дар ҳар як баромад ва вохӯриҳои хеш Истиқлолро бузургтарин ва муқаддастарин дастоварди миллати тоҷик номида, аҳамияти ин масъалаи муҳимро баён менамоянд,- изҳор дошт И. Эмомзода.

Зикр гардид, ки соҳаи молия дар замони соҳибистиқлолии кишвар рушд карда, дар ин давра ба дастовардҳои беназир ноил шуд. Дар солҳои аввали ташкилшавии ноҳия шуъбаи молияи ноҳияи Ховалинг таъсис дода шуд, ки баъдтар, дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат ба раёсати Вазорати молия дар ноҳия табдил дода шуд. Айни ҳол дар Раёсати Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Ховалинг мувофиқи басти воҳидҳои корӣ 11 воҳиди корӣ амал мекунад. Кормандон бо утоқҳои кории бо шароитҳои замонавӣ муҷаҳҳаз таъмин буда, ҳамзамон бо барномаи иттилоотии молиявии SGb-net пайваст карда шудаанд. Ҳамаи ҳуҷҷатгузорӣ дар раёсат тариқи электронӣ ба роҳ монда шудааст. Яке аз дастовардҳои замони соҳибистиқлолии кишвари азизамон - ин гузаштан ба низоми электронӣ ва ғайринақдӣ мебошад, ки бевосита барои аз байн бурдани муомилоти нақдӣ ва кам намудани омилҳои коррупсионӣ мусоидат мекунад.

- Мо кормандони Раёсати Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Ховалинг дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро сармашқи кори ҳаррӯзаи хеш қарор дода, барои пешрафт ва шукуфоии мамлакати азизамон тамоми саъю кӯшиши худро ба харҷ медиҳем,- мегӯяд Иброҳим Эмомзода.



**Машраби АЛОВИДДИН**

# ЧИЗЕ МАЗЗА НАДОРАД

## Меваву сабзавоти шаҳдбору витаминдори тоҷикӣ куҷо шуданд?



**Дар сӣ соли охир аз дасти ёриҳои башардӯстонаи (гумпомош) хориҷиён заминҳои кишт ифлос шуданд. Дигар картошка аз дасти «жук» ҳосили дилхоҳ намедиҳад. Бо поруи холӣ деҳқонон ҳосили фаровону лаззатбор мегирифтанд. Дарахтонро танҳо оҳак мешакиданд. Доруҳои заҳрнокро қариб ки истифода намебурданд. Аз оби чашмаю сангобҳои сероб зироатҳоро об медоданд. Ҳоло чӣ?**

*- Дарахтону зироатҳоро бо даҳҳо доруҳои заҳрнок коркард мекунанд;*

*- Пору қариб ки ёфт намешавад, доруҳои минералӣ ҳам қимат, ҳам бетаъсиранд;*

*- Оби сангобҳо бо ҷӯйборҳои пур аз хасу хошок, баклашкаю пасмондаҳои хӯрокҳои сунъию химиявӣ, лойолуд ба зироатҳо фоида не, зарар меоранд;*

*- Яке аз сабабҳои зиёд гаштани бемориҳои фишори баланд, қанд, гурдаю рӯдаҳо маҳз меваю зироатҳои тухму навҳашон ивазгаштаи хориҷанд.*

*- Юнучқаю алафзорҳо ғизои кофӣ надоранд. Чорво каммаҳсул мегардад.*

Ҷойи ташвишу изтироб аст, ки ҷойи тухмиҳои зироатҳои хушмаззаю хушлаззати моро тухмиҳои яккаратаю бебӯю маззаю лаззати чиниҳою ғайраҳо гирифтанд. Бӯйи нони гарми тоҷикӣ, помидору пиёз, картошкаю гашниз, пудинаю лаблабу, наску наҳӯд, шӯрбою шакароб, дӯғрӯғану нону дӯғ, тухмбирёну қурутоб ҳатто аз дурии 100-200 метр ба машом мерасид. Лаззату маишату роҳати тоҷикӣ аз таому меваҳо, сабзавот ба куллӣ аз байн рафт. Ҳоло бодирингу помидор, ҳандалаю харбуза, тарбуз, себу нок, олую лиму тановул мекунию аз он маззаи коҳи адирӣ даҳҳо бор болотар аст.

Кишвари пурфайзу баракати мо 90 фоизи маводҳои хӯрокворӣ, ҳатто либосворию дигар воситаю таҷҳизоти маиширо аз хориҷ ворид месозад. Аз ин рӯ, маҳз аз ҳоло зарурат ба миён омадааст, ки барои эҳёи тухмиҳои аслан тоҷикии болаззату сервитамин бо иштироки бевоситаи Академияи миллии илмҳо, вазоратҳои иқтисоду оияндабинӣ, кишоварзӣ Барномаи махсуси давлатии эҳёи тухмиҳои миллии тоҷикӣ мураттабу амалӣ гардад. То ҳам беҳдошти сиҳатии мардум боло раваду ҳам маҳсулоти ширину диликаши тоҷикӣ ба бозорҳои ҷаҳонӣ роҳ ёбанд.

Ҳоҳишмандем, олимон, мутахассисон, коршиносон фикр, андеша, нуқтаи назари хешро оид ба ин масъалаи мубрами рӯз баён созанд.

**Нурулло ҲАСАНОВ,**
**н. Муъминобод**

# ОБХЕЗӢ ДАР АЙНӢ ВА КӮҲИСТОНИ МАСТЧОҲ

**(Аввалаш дар саҳ. 3)**

Дар пайи ин ҳодиса роҳбарияти вилояти Суғд ва ноҳияи Айнӣ ба минтақаҳои осебдида сафар карда, бо аҳолӣ мулоқот анҷом доданд. Бо иштироки муовини якуми раиси вилояти Суғд ва раиси ноҳияи Айнӣ ҷаласаи фаврӣ баргузор шуда, гурӯҳҳои корӣ барои омӯзиши вазъ ва баҳогузории хисорот ба маҳалҳои зарардида фиристода шуданд. Раиси ноҳияи Айнӣ зимни мулоқот бо сокинони зарардида таъкид кардааст, ки барои расонидани кумаки зарурӣ ва ҳарчи зудтар барқарор намудани шароити муқаррарии зиндагии мардум тамоми имкониятҳо сафарбар хоҳанд шуд. Ҳоло корҳои поксозии роҳҳо, таъмири ҷӯйборҳо ва барқарорсозии дигар иншооти осебдида идома дорад. Бояд гуфт, ки Тоҷикистон дар як моҳи охир шоҳиди як қатор офатҳои табиӣ, аз ҷумла боронҳои шадид, ярч ва сел шудааст.



Бар асари ин ҳодисаҳо, тибқи маълумоти расмӣ, дастикам чор нафар ҷони худро аз даст дода, ба манзил ва молу мулки садҳо оила зарар расидааст. Коршиносон тағйирёбии иқлим ва афзоиши падидаҳои шадиди обу ҳаворо аз ҷумлаи омилҳои афзоиши чунин ҳодисаҳо арзёбӣ мекунанд.




# НАРХИ МАНЗИЛ ДАР ДУШАНБЕ

**(Аввалаш дар саҳ. 3)**

Дар баробари омилҳои иқтисодӣ масъалаи марбут ба кӣ будани бозори сохтмон таваҷҷуҳ мехоҳад. Вақте нархи манзил бо суръат, яксон боло меравад, табиист, ки саволҳои зиёде ба миён меоянд: оё нархҳо дар натиҷаи рақобати бозорӣ муайян мешаванд ё бозор аз ҷониби гурӯҳҳои маҳдуди ширкатҳо идора мегардад? Оё миёни ширкатҳои сохтмонӣ рақобати воқеӣ барои пешниҳоди манзили арзонтар ва босифаттар вуҷуд дорад ё унсурҳои ҳамоҳангсозии ғайрирасмии нархҳо низ мушоҳида мешаванд? Инҳо суолҳое мебошанд, ки таҳқиқи ҷиддӣ ва посухҳои шаффофро талаб мекунанд.

### МЕСОЗЕМ, АММО БАРОИ КӢ?

Ин савол имрӯз бештар аз ҳар вақти дигар дар ҷомеа садо медиҳад.

Душанбе босуръат обод мешавад. Биноҳои замонавӣ, таваққуфгоҳҳои зеризаминӣ ва маҳаллаҳои нав бунёд мегарданд. Аммо ҳамзамон нигаронии шаҳрвандон низ меафзояд.

Вақте арзиши як хонаи миёна аз ним миллион сомонӣ бештар асту маоши миёна ҳамагӣ чанд ҳазор сомониро ташкил медиҳад, саволи табиӣ ба миён меояд: Харидори ин хонаҳо кист?

Ба гуфтаи коршиносон, қисми зиёди харидорони манзилҳои навро соҳибкорон, шахсони дорои даромади баланд, соҳибони пулҳои бедарди миён, муҳоҷирони меҳнатие, ки солҳои зиёд дар хориҷ кор кардаанд, инчунин онҳое ташкил медиҳанд, ки манзилро ҳамчун воситаи нигоҳдорӣ ва афзоиши сармоя мехаранд. Барои онҳо квартира танҳо ҷойи зист нест, балки як навъ сармоягузорӣ мебошад. Аммо барои омӯзгор, табиб, муҳандис, корманди давлатӣ ва дигар намояндагони табақаи миёна вазъ дигар аст. Барои ин қишри ҷомеа соҳиби манзил шудан сол аз сол мушкилтар мегардад. Ҳатто агар онҳо чандин сол пайваста маблағ ҷамъ кунанд ҳам, суръати боловравии нархи хонаҳо аксаран аз имконияти пасандоз намудани онҳо бештар аст.

Аз ин рӯ, масъала танҳо дар он нест, ки имрӯз кӣ хона мехарад. Саволи муҳимтар он аст, ки оё насли ҷавони Тоҷикистон фардо метавонад бо меҳнати ҳалол ва даромади қонунии худ соҳиби манзил шавад?

Агар ҷавоб ба ин савол манфӣ бошад, пас масъалаи манзил аз доираи иқтисод берун рафта, ба масъалаи иҷтимоӣ ва ҳатто демографӣ табдил меёбад. Зеро вақте ҷавонон имкони харидани хона надоранд, онҳо дертар оила барпо мекунанд, муддати тӯлонӣ бо волидон зиндагӣ менамоянд ва имкони мустақилона ташкил намудани зиндагии худро аз даст медиҳанд. Дар натиҷа, нобаробарии иҷтимоӣ амиқтар гардида, фосилаи байни табақаҳои гуногуни ҷомеа бештар мешавад.

Агар афзоиши даромади аҳолӣ аз суръати болоравии нархи манзил ақиб монад, агар низоми ипотека барои мардум дастрас нашавад ва барномаҳои давлатии дастгирии оилаҳои ҷавон рушд накунанд, кишвар метавонад ба вазъияте рӯ ба рӯ шавад, ки хонаҳо зиёд мешаванд, вале харидорони воқеии онҳо камтар мегарданд. Он гоҳ мушкили асосии Душанбе на норасоии манзил, балки дастнорас шудани он барои шаҳрвандони одӣ хоҳад буд. Биноҳои баландошёна комат меафрозанд, маҳаллаҳои нав бунёд мешаванд, аммо барои ҳазорон ҷавон ва оилаи тоҷик соҳиби хона шудан ба орзуе табдил меёбад, ки сол аз сол аз онҳо мисли уфуқ дуртар меравад.

Манзил танҳо чор девор нест. Он рамзи суботи иҷтимоӣ, оромии оила ва эътимоди инсон ба фардо мебошад. Вақте соҳиби хона шудан барои як ҷавон ё як оилаи миёна ба орзуи дастнорас табдил меёбад, ин дигар танҳо масъалаи бозори амвол нест. Ин масъалаи адолати иҷтимоӣ, сиёсати давлатӣ ва рушди устувори кишвар аст.

Шояд вақти он расидааст, ки дар баробари сохтмони биноҳои нав, бештар дар бораи он андеша кунем, ки чӣ гуна шаҳрвандони одӣ низ тавонанд дар ин хонаҳо зиндагӣ кунанд?

**Шуъбаи иқтисод ва таҳлили «ТОҶИКИСТОН»**

# 10 ФОИДАИ ФУТБОЛ БА САЛОМАТИИ ИНСОН

**ДАР БАРОБАРИ ШАВҚОВАР БУДАН, ФУТБОЛ БА САЛОМАТИИ ИНСОН МАНФИАТҲОИ ЗИЁДЕ ДОШТА, БО ФАРБЕҲӢ ВА ЯК ҚАТОР БЕМОРИҲО МУБОРИЗА МЕБАРАД. ТАНҲО ЯКЧАНД МАШҚ ДАР ЯК ҲАФТА МЕТАВОНАД ҲАЁТИ ШУМОРО КОМИЛАН ТАҒЙИР ДИҲАД. БОЯД ГУФТ, КИ ФУТБОЛ НАТАНҲО АЗ ЛИҲОЗИ ҶИСМОНӢ, БАЛКИ АЗ НИГОҲИ РАВОНӢ НИЗ ЯКЕ АЗ НАМУДҲОИ МАНФИАТНОКТАРИНИ ВАРЗИШ БУДА, РӮҲИЯИ ДАСТАҶАМЪОНАРО БА ВУҶУД МЕОРАД ВА ШАХСРО БА ОН ШАВҚМАНД МЕСОЗАД, КИ БО ТАМОМИ ҲАСТӢ БАРОИ ПИРӮЗӢ ТАЛОШ НАМОЯД.**



Имрӯз мо ба шумо - хонандагони азиз дар бораи 10 манфиати футбол ба саломатӣ каме маълумот медиҳем.

### 1. МАШҚ БАРОИ ДИЛУ РАГҲО

Машқҳои аэробӣ ҳангоми машғул шудан бо футбол суръати гардиши хунро зиёд намуда, кори дилро ба эътидол меоранд ва хатари бемориҳои дилу рагҳоро ба таври назаррас коҳиш медиҳанд.

### 2. МАНБАИ ЭНЕРГИЯ ВА МУҚОВИМАТ

Футбол аз нигоҳи ҷисмонӣ шахсро пуриқувват гардонида, босуръат давидан, тез-тез гузариш аз дифоъ ба ҳамла ва баръакс аз ҳамла ба дифоъ ҷисми инсонро саршор аз энергия месозад, ки барои кори бонизоми тамоми узвҳо муфид мебошад.

### 3. УСТУХОНҲОРО МУСТАҲКАМ МЕСОЗАД

Ҷаҳидан, давидан ва тӯбро бо лагад задан ба узвҳои такя ва ҳаракат таъсири хеле хуб расонида, устухонҳоро мустаҳкам ва пурқувват месозад.

### 4. РОҲИ БЕҲТАРИНИ ХАЛОСӢ АЗ ФАРБЕҲӢ

Барои одамони фарбеҳе, ки мехоҳанд аз вазни зиёдатӣ дар муддати кӯтоҳ халос шаванд, роҳи беҳтарин машғул шудан бо футбол аст.

Дар давоми як бозии фаъоли 90-дақиқагӣ миқдори зиёди калорияи бадан сӯхта несту нобуд мегардад ва имкон медиҳад, ки шахс ба осонӣ аз вазни зиёдатӣ халос шуда, хушқаду қомат гардад.

### 5. АФЗОИШИ МУШАКҲО

Машқҳои пайвастаи футбол ба чандиршавӣ ва рушди ҳамаҷонибаи мушакҳои пойҳо, кос, тахтапушт ва устухонҳои тамоми бадан мусоидат намуда, шахсро ҷисман ва рухан қавӣ месозад.

### 6. МУВОЗИНАТ ВА ҲАМОҲАНГСОЗИИ МУКАММАЛ

Тез-тез тағйир ёфтани самти ҳаракат ҳангоми футбол, дриблинг ва тӯбро ба ҳамдигар ҳаво додан (пас додан) имкон фароҳам меоранд, ки шахс нигоҳ доштани мувозинати худро дар ҳама ҳолат омӯзад, ҳаракатҳояшро ҳамоҳанг созад ва хушёру зираку чусту чолок гардад.

### 7. БЕҲТАР ШУДАНИ АКСУЛАМАЛ ВА ТАМАРКУЗ

Суръати тези бозии футбол шахсро ба он водор месозад, ки дар баробари ҳаракатҳои тези ҷисмонӣ, ҳамзамон ба рафти бозӣ тамаркуз намуда, ба таври фаврӣ ба вазъият баҳо диҳад ва коре кунад, ки ҳар як лаҳзаро ба манфиати худ ва тимаш истифода барад. Қабули қарорҳои фаврӣ дар майдон зеҳни инсонро тез гардонида, ҷараёни кори майнаи сарро суръат мебахшад.

### 8. БЕҲТАР ШУДАНИ СОЛИМИИ РАВОНӢ

Варзишҳои дастаҷамъона, махсусан футбол барои системаи асаб бениҳоят фоиданок буда, стрессро коҳиш медиҳанд ва эътимоди шахсро ба худ афзун мегардонанд.

### 9. РУШДИ МАЛАКАҲОИ ИҶТИМОӢ

Муошırати пайваста бо дигар аъзои тим, риояи қоидаҳои бозӣ ва интизоми варзишӣ ба рӯҳияи инсон таъсири мусбат расонида, малакаи иҷтимоии шахсро зиёд месозад ва ба таҳкими хислат, яъне характер ёрӣ мерасонад.

### 10. РУШДИ ЧАНДИРӢ ВА ҲАРАКАТ

Маъмулан пеш аз машғул шудан ба футболбозӣ барои гарм кардани бадан футболбозон бо машқҳои махсус машғул мешаванд, ки онро "разминка" ва "растяжка" меноманд. Ин машқҳо барои мушакҳо хеле фоиданок буда, онҳоро тезҳаракат месозанд.

### МАНФИАТҲОИ ДИГАРИ ФУТБОЛ

*Дар баробари 10 фоидаи асосие, ки дар боло зикр намудем, футбол ба саломатии инсон манфиатҳои дигар низ дошта, системаи муҳофизатии организми инсон - иммунитетро пурқувват месозад, гардиши хунро беҳтар намуда, мубодилаи моддаҳоро дар организм ба низом медарорад ва чандин бемориҳоро пешгирӣ мекунад.*

## Толеънома



**Ҳамал**
**21.03 - 20.04**

Дар ин ҳафта бештар ба қувва ва имкониятҳои худ такя кунед. Интизори дастгирии дигарон нашавед, маҳз мустақилият шуморо ба натиҷаҳои хуб мерасонад. Дар муносибатҳои ошиқона эҳтимоли баҳсу ранҷиш вуҷуд дорад, аз ин рӯ, сабрро пеша кунед.



**Савр**
**21.04 - 21.05**

Ин ҳафта барои дастгирии наздикон ва расонидани ёрӣ ба онҳо хеле мусоид аст. Аз муваффақиятҳои аъзои оила ва дӯстони худ самимона шод мешавед. Ба саломатии чашмон диққати ҷиддӣ дода, бештар истироҳат кунед.



**Ҷавзо**
**22.05 - 21.06**

Худро пурнерӯ ва фаъол эҳсос мекунед. Барои баъзеҳо сафарҳои шавқовар ё вохӯриҳои муҳим дар пешанд. Дар кору фаъолият имкониятҳои нав пайдо шуда, аксари нақшаҳоятон бомуваффақият амалӣ мешаванд.



**Саратон**
**22.06 - 23.07**

На ҳама пешниҳодҳое, ки ба шумо мерасанд, дар назари аввал ҷолиб менамоянд, вале баъзеи онҳо метавонанд дар оянда манфиати зиёд оваранд. Бисёр воқеаҳои ҳафта бо ташаббуси худи шумо рӯй медиҳанд, бинобар ин масъулиятро ба гардан гиред.



**Асад**
**23.07 - 22.08**

Кӯшиш кунед, ки дар ҳар вазъият паҳлуи мусбати рӯйдодҳоро пайдо намоед. Эҳтимол нафаре ба шумо ҳасад бурда, барои халалдор кардани нақшаҳоятон талош кунад, аммо оромиву хирадмандӣ шуморо аз мушкилот эмин медорад.



**Сунбула**
**23.08 - 22.09**

Ин ҳафта эҳсосоти шумо зуд тағйир ёфта, каме ҳассостар мешавед. Агар имконият бошад, қисми корҳоятонро ба дигарон вогузор намуда, барои худ вақт ҷудо кунед. Истироҳати хуб ба шумо нерӯи тоза мебахшад. Кина ва норозигиро аз дил дур созед.



**Мизон**
**25.09 - 22.10**

Ҳафтаи орому мўътадил аст. Корҳои зиёд доред ва эҳтимол барои анҷом додани баъзе нақшаҳо вақт кам ёбед. Бо вуҷуди серкорӣ, барои наздикон вақт ҷудо карданро фаромӯш насозед. Агар нияти беҳтар кардани саломатиро дошта бошед, машқу ҳаракатро зиёд кунед.



**Ақраб**
**23.10 - 22.11**

Дар ин ҳафта сабру таҳаммул муҳимтарин силоҳи шумост. Аз саросемагӣ дурӣ ҷӯед ва ҳар қарорро боандеша қабул намоед. Вақт барои шиносоии нав ва расонидани кумак ба наздикон хеле мусоид аст. Ба саломатии дил ва рагҳои хунгард диққати бештар диҳед.



**Қавс**
**25.11 - 21.12**

Ҳангоми тарҳрезии орзуҳо ва ҳадафҳои худ имкониятҳои воқеиро низ ба назар гиред. Танбалӣ ва бепарвоӣ метавонанд шуморо аз муваффақият дур созанд. Агар корҳои худро пешакӣ ба нақша гиред, аз бисёр мушкилоту мунокишаҳо эмин мемонед.



**Ҷаддӣ**
**22.12 - 20.11**

Ин ҳафта барои ба тартиб даровардани хона ва корҳои рӯзгор хеле мувофиқ аст. Баъзеҳо ҳатто нақшаи таъмир ё навсозии манзилро хоҳанд кашид. Аз қарорҳои шитобкорона ва суханони тунду беандеша худдорӣ кунед.



**Далв**
**21.01 - 19.02**

Ҳафта барои шумо бо муваффақият ва пешравиҳо оғоз меёбад. Дар ҳар коре, ки бо дилгармӣ машғул мешавед, натиҷаи хуб ба даст меоред. Рӯйдоди муҳим метавонад ба беҳтар шудани вазъи молиявӣ ё пешрафти касбӣ мусоидат кунад.



**Ҳут**
**20.02 - 20.03**

Ин ҳафта вақти муносиб барои анҷом додани корҳои нотамом ва иҷрои нақшаҳои дерина аст. Меҳнату кӯшишҳои шумо аз назари роҳбарият пинҳон намемонанд ва қадрдонӣ хоҳанд шуд. Аз ин фурсат оқилона истифода баред.

# ЗАБОНШИНОСИ НУКТАСАНҶ

## Бахшида ба 90-солагии Субҳон Атобуллоев

**Забоншиноси маъруф, Барандаи ҷоизаи давлатии ба номи Абуалӣ ибни Сино Субҳон Атобуллоев агар зинда мебуд, 90-сола мешуд...**

Субҳон Атобуллоев 10-уми июни соли 1936 дар деҳаи Шашкати ноҳияи Панҷакент, дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Мавсуф мактаби миёнаи нопурраро дар зодгоҳаш фаро гирифта, рӯ ба сӯйи шаҳри Панҷакент мениҳад ва соли 1951 ба омӯзишгоҳи муаллимтайёркунии он ҷо қабул гардида, ин боргоҳи илму адабро бо баҳои аъло хатм менамояд. Сабаби ба омӯзишгоҳ рафтани Субҳони ҷавон агар аз як тараф овозаи зиёд доштани ин даргоҳи илму маърифати водии Зарафшон бошад, аз ҷониби дигар, ташвиқи муаллимону директори ҳамонвақтаи мактаби деҳа Муҳаммадӣ Аҳмадов будааст, ки худ омӯзгори забон ва адабиёт буд. Дар омӯзишгоҳ номбурда аз муаллимони забон ва адабиёт Шарифзодаи Исфарагӣ баҳраҳои зиёд гирифтааст. Баъди хатми омӯзишгоҳ ба деҳаи худ рафт ва дар мактаби он ҷо ба муддати як сол ба сифати муаллими забон ва адабиёт фаъолият кард. Дилбохтагии забони модарию адабиёти ватанӣ ба Субҳон Атобуллоев дари Донишкадаи омӯзгории ба номи Шевченкои (ҳоло Донишгоҳи омӯзгории ба номи Садриддин Айнӣ)-и пойтахтро кушод. Ӯ соли 1957 ба факултаи таъриху филологияи донишкада дохил шуда, соли 1962 онро низ бо баҳои аъло хатм намуд. Дар донишкада аз устодони баландмартабаи суханшиносӣ Абдулғанӣ Эшонҷонов, М. Ф. Исматуллоев, узви вобастаи АМИТ Носирҷон Маъсумӣ, академик Бобоҷон Ниёзмуҳаммадов, докторҳои илм Абдулғанӣ Мирзоев, Холиқ Мирзозода ва дигарон фаровон баҳраҳои судманд мебардошту ба дониши худ дониш зам менамуд.

Субҳон Атобуллоев баъди хатми донишкада соли 1962 ба аспирантура дохил гардида, соли 1970 дар шаҳри Боку (Озарбойҷон) дар мавзуи "Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ва пайрави мубтадо ва хабар дар забони адабии тоҷикӣ" рисолаи илмии худро дифоъ намуда, сазовори дараҷаи илмӣ мегардад. Ин заҳмат ба рӯйи ӯ майдони фарохи илми забоншиносиро боз кард. Вай солҳои 1965-1977 (то охири умр) дар Шуъбаи шевашиносӣ ва таърихи забони Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АФ РСС Тоҷикистон фаъолият карда, тайи ин муддат зиёда аз 50 мақолаҳои илмию асарҳои пажӯҳишӣ навиштааст. Дар байни ин заҳматҳои илмӣ мақола ва китобҳои Субҳон Атобуллоев - "Баъзе мулоҳизаҳо оид ба ҷумлаҳои бешахс дар забони адабии ҳозираи тоҷик" (1966), "Қайдҳо роҷеъ ба нахустин грамматикаи забони тоҷикӣ" (1976), "Ҷумлаҳои пайрави мубтадо ва хабар дар забони адабии ҳозираи тоҷик" (1975) аҳамияти вежа доранд, зеро дар забоншиносии тоҷик тадқиқоти тоза буданд.

Ҳамчунон, дар байни корҳои анҷомдодаи ин олим - "Синтаксиси ҷумлаҳои мураккаб дар шеваҳои ҷанубии Тоҷикистон", рисолаи "Саидризо Ализода" (1976) ва ҳамкории муваффақона дар ҷилдҳои 4 ва 5-и асари панҷҷилдаи "Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ" дар забоншиносии тоҷик камназир дониста шудаанд. Махсусан, дар рисолаи "Саидризо Ализода" оид ба фаъолияти эҷодии инқилобӣ ва маорифпарвари тоҷик сухан меравад. Рисолаи мазкур бо як ҷаҳон муҳаббати бепоёни муаллиф нисбат ба таъсискунанда ва муҳаррири доимии нахустин маҷаллаи тоҷикии "Шуълаи инқилоб", муаллифи аввалин грамматикаи забони тоҷикӣ, яке аз аввалин ва беҳтарин тарҷумонҳо аз русӣ ба тоҷикӣ, рӯзноманигор ва публитсисти бомаҳорату тавоно, мубориз ҷасуру дифоъкунанда аз забони модарии мо - тоҷикон мебошад.



10-уми августи соли 1997 бо сабаби бемории риштаи ҳаёти Субҳон Атобуллоев канда шуда бошад ҳам, офаридаҳои илки сеҳрангезаш ҳанӯз ҳам номи ӯро дар байни мо зинда нигоҳ медоранд. Бо ин кӯтоҳумрӣ, аз хоксорӣ, муомила, муносибату муошират, одаму одамгарӣ, фидоии илм будани Субҳон Атобуллоев метавон зиёд ҳарф зад.

Ба қавли Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ:

*Бандаам покраверо, ки дар ин дайри куҳан,*
*То зияд, пок зияд, в-ар биравад, пок равад!*

Ҳоло мактаби миёнаи умумии № 41-и деҳаи Шашкат номи ин фарзанди барӯманди забоншиноси тоҷикро ба худ гирифтааст.

**Хайринисо ХОЛИҚЗОДА,**
**унвонҷӯи Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ**

# «ШОҲНОМА» ДАР МЕЛБУРН

**Шоми 30-юми майи соли 2026 дар шаҳри Мелбурни Австралия бо ибтикори Анҷумани фарҳангии "Кабура" ҳамоиши бузургдошти Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ ва ҳазораи «Шоҳнома» баргузор шуд, ки дар он пажӯҳишгарон, адибон ва фарҳангиёни муқими Австралия ва дигар кишварҳо, аз ҷумла Тоҷикистон ширкат варзиданд.**

Ҳадафи асосии ҳамоиш бозшиносии ҷойгоҳ ва нақши «Шоҳнома» дар ташаккули ҳувияти фарҳангии форсизабонон ва баррасии аҳамияти ин асари мондагор дар ҷаҳони муосир буд. Маросимро раиси Анҷумани фарҳангии "Кабура" Салом Сангӣ бо шоҳномахонӣ ва суханони ифтитоҳӣ оғоз намуд. Ӯ «Шоҳнома»-ро ҷузъи муҳими ҳофизаи таърихӣ ва фарҳангии форсизабонон арзёбӣ карда, нақши фарҳангро дар ҳифзи ҳувияти миллӣ муҳим донист.

Дар идомаи ҳамоиш Амирхусайн Шукӯҳӣ, профессори Донишгоҳи Ла Троби Австралия дар мавзуи «Шоҳнома дар адабиёти Ғарб: таҳлили пасомодерн» суханронӣ карда, ҷойгоҳи ин шоҳасарро дар пажӯҳишҳои адабии муосир ва гуфтугӯҳои илмии ҷаҳонӣ баррасӣ намуд.

Доктор Ҷавод Меҳрубон дар маърӯзаи худ таҳти унвони «Шоҳнома ҳамчун матни бунёдгузори ҳувият» нақши асари Фирдавсиро дар шаклгирӣ ва пойдории ҳофизаи фарҳангии форсизабонон шарҳ дод. Дар идома Адиб Ибром дар мавзуи «Шоҳнома ба ҳайси ҳофизаи таърихӣ», Нодир Аҳмадӣ дар мавзуи «Шоҳнома ва ҷуғрофиёи ҳувият», доктор Сония Исфаҳонӣ дар мавзуи «Қаҳрамонон дар Шоҳнома», доктор Фарид Бежан бошад, дар бораи нигоҳи Фирдавсӣ ба мафҳумҳои марг ва ҷовидонагӣ суханронӣ намуданд.




Аз Тоҷикистон донишманди маъруф, профессор Равшан Раҳмонӣ табассути паёми видеоӣ дар ҳамоиш ширкат кард. Ӯ дар мавзуи «Ҳунари "Шоҳнома"-хонӣ дар байни тоҷикони Фарорӯд» сухан гуфта, ба ҷойгоҳи ин анъанаи фарҳангӣ дар миёни тоҷикон ва нақши он дар ҳифзи мероси адабӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуд. Равшан Раҳмонӣ ҳамчунин зикр кард, ки мардуми тоҷик ба "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ арҷ мегузоранд ва аз ташаббуси Президенти кишвар дар мавриди тақдими ин шоҳасари безавол ба ҳар як хонаводаи кишвар ёдовар шуд. Дар бахшҳои ҳунарии барнома низ порчаҳое аз «Шоҳнома» иҷро гардиданд. Доктор Шукуфа Бохтарӣ достони «Бежан ва Манижа», Кубро Ғуломӣ бахши «Зол ва Рӯдоба», Соим Хуросонӣ қиссаи «Коваи Оҳангар ва Дирафши Ковиёнӣ»-ро қироат карданд.

Яке аз вижагиҳои ҷолиби маҳфил номгузории мизҳои меҳмонон ба номи қаҳрамонони «Шоҳнома» буд. Дар назди ҳар миз маълумоти мухтасар дар бораи қаҳрамон ва намунаҳое аз абёти марбут ҷой дода шуда буд, ки ба фазои фарҳангии ҳамоиш ранги вижа мебахшид.

Ин маҳфил бори дигар нишон дод, ки «Шоҳнома» пас аз ҳазор сол ҳамчунон матни зиндаи фарҳанг, забон, хирад ва ҳувияти форсизабонон боқӣ мондааст ва метавонад миёни наслҳо ва ҷомеаҳои гуногун пайванди маънавӣ эҷод кунад.

**Доктор Фарид БЕЖАН,**
**кишвари Австралия**

## МАВЛУДНОМА

### 4 ИЮН

**Вайдулло Бобоев** (1936-2008), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Игор Гушин** (1951), 75-солагии зодрӯзи доктори илми тиб.

**Намоз Солиев** (1951), 75-солагии зодрӯзи журналист.

### 5 ИЮН

**Зафар Икромов** (1946), 80-солагии зодрӯзи генерал-майори адлия.

**Шоҳсалим Муҳаббатов** (1951), 75-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Асламшо Раҳматуллоев** (1936-2014), 90-солагии зодрӯзи муаррих, профессор.

**Сангинмурод Умаров** (1936-1996), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

### 6 ИЮН

**Абдумаҷид Бойхонов** (1956), 70-солагии зодрӯзи журналист.

**Адирмуҳаммад Зафарзода** (1936), 90-солагии зодрӯзи шоир.

**Набӣ Ҷумъаев** (1951), 75-солагии зодрӯзи журналист.

**Аюб Юлдошев** (1931), 95-солагии зодрӯзи Рассоми халқии Тоҷикистон.

### 7 ИЮН

**Масрур Абдуллоев** (1966), 60-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ.

**Барно Ашӯрова** (1951), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

### 8 ИЮН

**Галина Мелникова** (1936), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи геология.

**Қарабой Мамадхонов** (1911-1996), 125-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

### 9 ИЮН

**Ҷӯрабой Бобоев** (1906-1989), 120-солагии зодрӯзи Ҳофизи халқии Тоҷикистон.

**Мавҷуда Шералиева** (1966), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

### 10 ИЮН

**Абдумурод Бӯриев** (1956), 70-солагии зодрӯзи журналист.

**Абдусаттор Ғаффоров** (1956), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**Сулаймон Исоев** (1911-1992), 115-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

**Ваҳҳоби Латиф** (1956), 70-солагии зодрӯзи шоир.

**Муҳиддин Камолов** (1951), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

## Аз идора

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**

**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

**ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ЭЪЛОН:**
(+992) 93 111 08 87

## МЕФУРӮШАМ

- 2-ҳуҷрагӣ, 87 м.м., қабати 10, бинои 18-ошёна, баъди таъмир, нишонӣ: "Лесная Сказка", бе миёнарав. Тел.: 918-68-02-18

## ҲАВЛӢ

Хонаи 2-ошёна, 5 дар хона, 2 пешайвон, 3,5 сот. замин, таъмири миёна, к/з Россия, к. Аличабоф 59, назди мағозаи "Бахтиёр". Тел.: 919-35-95-39

## ИҶОРА МЕДИҲАМ

- 2-ҳуҷрагии иҷора, Қарияи боло. Тел.: 870-70-45-75

## ҲАВЛӢ

- Ҳавлии иҷора, светофор пос. Южный, сари роҳ. Тел.: 931-47-17-13

## НИЁЗ ДОРЕМ

- Нонвойхона ба нонпаз ва самбӯсапаз ниёз дорад. Тел.: 87-772-55-55
- Барои пирамарди 80-сола парастор лозим аст. Тел.: 903-01-51-90

Ба маҳсгар-бонувони дорои сертификат ниёз дорем. Тел.: 98-874-56-74

## КОР МЕҶӮЯМ

- Рӯбучини босифат. Тел.: 001-33-80-33
- Рӯбучин ва хизматгори хона барои хориҷиён. Тел.: 001-33-80-33
- Рӯбучини босифат. Тел.: 931-47-17-13
- Рӯбучини подъездҳо дар биноҳои навсохт. Тел.: 931-47-17-13

## ХИЗМАТРАСОНИИ ГУНОГУН

Устои бомаҳорати кафел, таҷҳизоти сантехникӣ. Тел.: 915-58-71-31

- Таъмири яхдон, бо кафолат. Тел.: 919-03-07-78, 934-65-89-54
- Газовик. Тел.: 988-61-10-57

## МЕХАРАМ ГУНОГУН

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобу анҷом, оҳанпора, коғазпора, тангаҳо, нишонҳо, ҳайкалҳо, мошинаҳои ҷомашӯӣ, мошинаҳои дарздӯзӣ, қолинҳо, кондитсионерҳо, курпачаҳо ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобу анҷом, оҳанпора, коғазпора, тангаҳо, нишонҳо, ҳайкалчаҳо, мошинаҳои ҷомашӯӣ, мошинаҳои дарздӯзӣ, қолин, кондитсионер, курпача ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001, 300-03-19-33

Флягҳо, курпача, қолин, нишон, медал, асбобҳо, зарфҳо, дегҳо, тангаҳо, мошинаҳои дарздӯзӣ, баллонҳои газ, асбобу анҷоми шуравӣ, ҳайкалчаҳо, оҳанпора, коғазпора мехарам. Тел.: 988-33-73-61, 905-98-77-88

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

- Шиносномаи шаҳрвандӣ, A05299300, ба номи Маҳрамова Фарзона Миралиевна, ки санаи 19.03.2024, аз ШВКД дар ш. Ҳисор дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Билети донишҷӯии донишҷӯйи курси сеюми факултаи иқтисодиёти Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон (РТСУ) Камолов Камолиддин, ки соли 2023 дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шиносномаи техникии хона ва шартномаи ҳадяи қисми квартира таҳти феҳрасти 1Ш-2004, аз 01.09.2006, аз тарафи Идораи нотариалии давлатии н. Фирдавсии ш. Душанбе ба номи Рахимов Джамшед Разакович, бо суроғаи ш. Душанбе, 4 гузаргоҳи кӯчаи Матросов, хонаи 2, квартираи 6, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Рақамҳои давлатии 0007ХХ03, тамғаи мошини Ренҷ Ровер Спорт 3.0 TD, ба номи Содиқов Толибджон Бохтурхонович, аз сабаби гум шудан беэътибор дониста шавад.
- Билети донишҷӯӣ ба номи Рахимов Абдулло Акбарджонович, ки соли 2023 аз ҷониби МИСИС дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Маълумотномаи синфи 9, №67, ба номи Мавлянова Садбарг Қодировна, ки аз 27.06.1996 аз ҷониби МТМУ №62-и н. И. Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шиносномаи техникӣ ба номи Зубайдуллоев Мустафо Хайруллоевич, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. ак. Адҳамов 11, Блоки Г, ҳуҷраи 13, ошёнаи 4, масоҳаташ 101.1 м.м., 2-ҳуҷрагӣ, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Варақаи бақайдгирии шаҳрванди Афғонистон, №0003800, ба номи Шариф Мори, ки санаи 30.05.2025 аз ХШБ ВКД ҶТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Варақаи бақайдгирии шаҳрванди Афғонистон, №0004770, ба номи Шариф Муҳаммад Самир, ки санаи 30.05.2025 аз ХШБ ВКД ҶТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Варақаи бақайдгирии шаҳрванди Афғонистон, №0003769, ба номи Шариф Нилуфар, ки санаи 30.05.2025 аз ХШБ ВКД ҶТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Варақаи бақайдгирии шаҳрванди Афғонистон, №0003720, ба номи Шариф Гети, ки санаи 30.05.2025 аз ХШБ ВКД ҶТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Дафтари ҳавлӣ ба номи Шарифов Фируз Ахмадович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Мир-Алӣ, хонаи 120, ҳ. 40, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шиносномаи техникӣ ба номи Муродова Мақсуда Тоҷидиновна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Яккатут 2, хонаи 304, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Дафтарчаи имтиҳонот ба номи Султонов Сорбон Махмадзохиршоевич, ки соли 2022 аз ҷониби МИСИС дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, №129227, аз санаи 21.11.2024, ба номи Охунова Саломат Шокировна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Н. Махсум (И. Сомонӣ), хонаи 72/1, утоқи 31, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шаҳодатнома ва ИНН, 16.04.2021, иқтибос 24.12.2024 с., ҶДММ "Қолинҳои Диёр", №0274836, РЯМ: 1210013466, РМА: 120043921, ки дар Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ ба расмият даровварда шудаанд, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

**ФАВРАН ҚИМАТ МЕХАРАМ! КОНДИТСИОНЕРҲО, ЯХДОНҲО, ҚОЛИНҲО, БАТАРЕЯҲО, ДАРУ ТИРЕЗА, МЕБЕЛ, КАТИ ХОБ, ГАРНИТУРИ ХОБ ВА МАСОЛЕҲИ СОХТМОНӢ, ОҲАН. ТЕЛ. 988-68-68-70, 907-90-45-90, 915-30-30-02, 93-555-12-25**

- Шаҳодатномаи ҶДММ «Хайриддини Точир», РЯМ: 3310006196, ки онро Нозироти андоз дар н. Ҷ. Балхӣ додааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Аттестати синфи 11, Т-АТУ №0322791, ба номи Насриддинзода Пайрав Раҳмонали, ки соли 2016 аз ҷониби МТМУ №37-и н. Фархор, деҳаи Ҳавзако дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Дафтарчаи имтиҳонот ва билети донишҷӯӣ ба номи Эргашев Фарходжон Жумавойевич, ки соли 2015 аз ҷониби МИСИС дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Диплом №0000849, рақами қайд №4310, ба номи Эшонов Мирзораҳим Мирзомуддинович, ки санаи 20.01.2021 аз ҷониби Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии ҶТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шиносномаи техникӣ, рақами қайд №68124, ба номи Шерова Моҳинав, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Ломоносов, хонаи 137/1, кв. 19, санаи 05.08.2013, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Манзилнома, №020829, ба номи Шерова Моҳинав, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Ломоносов, хонаи 137/1, кв. 19, санаи 25.02.2014, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Дипломи ДМБ №0146260, рақами қайд №2055, ба номи Ятимов Спитамен Хуршедович, ки соли 2020 аз ҷониби ДМТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

- ҶДММ "Шаҳристон", РЯМ: 1210009598, РМА: 120039588, воқеъ дар н. Рӯдакӣ, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.
- ИҶ №1624 Ташкилоти Ҷамъияти Клуби дӯстдорони автомобилҳо ва мотосиклҳои нодир ва эксклюзивии Тоҷикистон "Авто Ретро Эксклюзив", ВАТҶ №0000689, РМА: 010097056, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.
- Кооперативи тиҷоратии «Азизхуҷа М», РЯМ: 3310001035, РМА: 330001364, ки онро Нозироти андоз дар н. Ҷ. Балхӣ додааст, фаъолияташро қатъ менамояд.
- ҶДММ "Абдумалик Сохтмон", РЯМ: 0710012316, РМА: 070019352, санаи таъсис 24.11.2023, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

## ШАХСОНИ ҲУҚУҚӢ

ҶДММ "Хизматрасонии Барномаи Омӯзиши Муҳоҷиратии Корея", №0309472, РЯМ: 0210034743, РМА: 020061097, саҳми оиномавиаш бо миқдори 51 фоиз кам карда мешавад.

ҶУДО

# 12 НИШОНИ ҶУДОКОРОНИ НАВРАСУ ҶАВОНИ ТОҶИК АЗ ТОШКАНД

**Дар шаҳри Тошканди Ӯзбекистон Ҷоми кушоди ҷудои Осиё миёни наврасону ҷавонон ба анҷом расид. Мусобиқа аз 28 то 31-уми май баргузор шуда, ҷудокорони тоҷик ба гирифтани 12 нишон, аз ҷумла 1 тило, 6 нуқра ва 5 биринҷӣ ноил шуданд.**



Тоҷикистонро дар мусобиқа миёни наврасон 97 ҷудокор намояндагӣ карда, ба гирифтани 5 нишон ноил шуданд. Муҳаммаданис Солеҳов (-55 кг), Исомиддин Қосимов (-60 кг), Райҳона Розиқзода (-52 кг) сазовори нишонҳои нуқра, Армон Сафаров (-60 кг) бо Шамил Исмоилов (-66 кг) сазовори нишонҳои биринҷӣ шуданд.

Миёни ҷавонон Тоҷикистон 107 ҷудокор муаррифӣ намуда, ба гирифтани 7 нишон ноил шуданд. Александра Кан (-57 кг) сазовори нишони тило, Ардашери Ҳамза (-90 кг), Исмоил Бурхонов (-100 кг) сазовори нишонҳои нуқра ва Мадина Курбонзода (-52 кг), Ёсин Бобокалонов (-66 кг), Муҳаммадрофеи Ҳабибулло (-66 кг), Панҷшер Муъминов (-90 кг) сазовори нишонҳои биринҷӣ шуданд.

Дар зимн, дар мусобиқа байни наврасон 660 ҷудокори 11 кишвари қора хунарнамоӣ карданд. Миёни ҷавонон 503 ҷудокор аз 12 кишвари қора ширкат варзиданд.

ФУТБОЛ

# БОЗИИ ДӮСТОНАИ ТОҶИКИСТОНУ ҲИНДУСТОН ДАР ТУРСУНЗОДА

**Мухлисони футбол дар шаҳри Турсунзода пас аз танаффуси тӯлонӣ боз шоҳиди бозии тими миллии футболи Тоҷикистон дар варзишгоҳи “Талко-Арена” хоҳанд шуд.**



Рӯзи 5-уми июн дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар доираи рӯзҳои расмии FIFA дар як бозии дӯстона бо тими миллии Ҳиндустон рақобат мекунад. Ин дидор дар варзишгоҳи “Талко-Арена”-и шаҳри Турсунзода баргузор мешавад. Ин аввалин бозии расмии мутахассиси мақдунӣ Игор Ангеловский дар мақоми сармураббии дастаи мунтахаби Тоҷикистон хоҳад буд.

Ҳамчунин, дастаи мунтахаби Тоҷикистон рӯзи 9-уми июн дар Варзишгоҳи марказии Ҳисор бозии дуюми дӯстонаи худро баргузор хоҳад кард, ки ҳариф боз ҳам дастаи мунтахаби Ҳиндустон аст.

Ситоди мураббиён ҳайати ниҳоии дастаро барои ин бозиҳо эълон кард. 26 бозигар даъват шудаанд, ки 3 дарвозабон, 10 ҳимоятгар, 9 нимҳимоятгар ва 4 ҳамлагар ҳастанд. Ба далели ҷароҳат Олег Баклов, Манучеҳр Сафаров, Амадонӣ Камолов ва Рустам Соиров дар ин бозиҳо ширкат намекунанд.

ҶОМИ ТОҶИКИСТОН

# ҲАНГОМА ДАР ХУҶАНД ВА НОКОМИИ ДАСТАҲОИ ПЕШСАФ



**Дар ҳоле ки дар Чемпионати футболи Тоҷикистон танаффуси кӯтоҳ эълон шуд, таваҷҷуҳи мухлисон ба Ҷоми Тоҷикистон равона гардид. Бозиҳои аввали даври 1/8-ниҳоӣ ҷанд натиҷаи ғайричашмдоштро ба бор оварданд ва аксари бозиҳо то бозиҳои ҷавобӣ ҷолиб боқӣ монданд.**

Бузургтарин ҳангома дар Хуҷанд рух дод, ки дастаи «Хуҷанд» дар майдони худ «Истиқлол»-ро бо ҳисоби 3:1 мағлуб кард. «Регар-ТадАЗ» ва «Эсхата» ҳама чизро барои бозии ҷавобӣ гузоштанд. Бозӣ дар Турсунзода бо мусовӣ ва бе гол анҷом ёфт, аммо, эҳтимол дорад, ки натиҷа барои «Эсхата» муҳим хоҳад буд.

Боз як ҳангомаи мусовии бе гол ин бозии КМВА бо дастаи Лигаи якум «Панҷшер» буд. Пешсафи Лигаи олӣ натавонист ба дастаи поёнии Лигаи якум гол занад ва акнун ҳама чиз дар бозии ҷавобӣ маълум мешавад.

Яке аз бозиҳои ҷолибтарин вохӯрии «Равшан» ва «Ҳосилот» буд, ки бо ҳисоби мусовии 2:2 анҷом ёфт. Ҳарду даста дар чемпионат барои ҷойҳои ифтихорӣ мубориза мебаранд ва акнун маҷбуранд барои даври чорякниҳоии Ҷом низ талош кунанд.

«Сардор» бо ҳисоби 5:0 «Раҳш»-ро шикаст дод ва амалан соҳиби роҳхат ба даври дигар шуд. «Парвоз» низ бо дилпурӣ бар «Сомон» бо ҳисоби 4:1 ғолиб омад. Дар бозии «Вахш» бо «Моҳир» бохтариҳо бо душворӣ бо ҳисоби 3:2 пирӯз шуданд. «Истаравшан» баъд аз иваз кардан сармураббӣ тавонист «Баркчӣ»-ро мағлуб кунад - 2:1.

Бозиҳои ҷавобӣ рӯзҳои 19-21-уми июн баргузор мешаванд, ки маҳз баъди он 8 дастаи даври чорякниҳоӣ маълум хоҳанд шуд.

## РЕЗААХБОР



Дастаи мунтахаби пауэрлифтинги Тоҷикистон дар Ҷоми ҷаҳон, ки дар шаҳри Маскави Федератсияи Русия баргузор гардид, соҳиби 5 нишони тило шуд. Нишонҳоро миёни ҷавонон Малханов Икром дар вазни 125 кг, Ҳабибов Рамшед дар вазни 110 кг, Каримов Ҷамолиддин дар вазни 100 кг, Хоҷаев Сафаралӣ дар вазни 90 кг ва Булбулов Меҳробиддин дар вазни 90 кг ба даст оварданд.

***

Мубориз MMA-и тоҷик Доробшоҳ Наботов дар мусобиқаи FNC 31 дар Белград шикаст хӯрд. Дар мубориза бо варзишгари лаҳистонӣ Мишел Фиглак (9-2) доварон бо раъйи қатъии 29-28 дар се раунд қарор бароварданд. Барои Наботов, ки бо натиҷаи 9-1 ба ин мубориза ворид шуд, ин шикаст дуюмин нокомӣ дар фаъолияти касбии ӯ ва аввалин шикаст дар доираи шартномааш бо Fight Nation European аст.

***

Муваффақияти навбатии дастаи миллии ҷиу-ҷитсуи Тоҷикистон дар Чемпионати бонуфузи AJP Tour Uzbekistan National Jiu-Jitsu 2026 буд, ки дар он варзишгарони тоҷик 71 нишон ба даст оварданд. Дастаи Тоҷикистон 40 нишони тило, 22 нишони нуқра ва 9 нишони биринҷӣ ба даст овард.

***

Дар финали мусобиқаи “Ҷоми Тавҳидбонк-2026” тими «Сипар»-и Тоҷикистон бо ҳисоби 5:1 муқобили «Ойл-Стар»-и Ӯзбекистон зафар ёфта, унвони қаҳрамониро соҳиб гардид. Голҳои дастаи «Сипар»-ро Марко Антонио (дубл), Иқбол Воситзода, Карлос Андерсон ва Эркин Эҳромзода ба самар расониданд.

***

Дар доираи омодагӣ ба марҳилаи интихобии “Ҷоми Осиё-2027” дастаи олимпии футболи Тоҷикистон (U-23) таҳти роҳбарии сармураббӣ Мубин Эргашев дар Чин ҷамъомади таълимиву тамринӣ мегузаронад. Дар ҷараёни ин ҷамъомад тими олимпии Тоҷикистон ду бозии дӯстона муқобили дастаи олимпии Чин (U-23) анҷом медиҳад. Вохӯрии аввал рӯзи 6-уми июн дар шаҳри Зунйи, бозии дуюм рӯзи 9-уми июн дар шаҳри Гуйян баргузор мешавад.




## ҲУШТАК

**(Нимҳазлу нимҷиддӣ )**

*Қасри Лоиқ.*
*Конфронси бошукӯҳи илмии осори Устод.*
*20-уми май.*
*Сабзсоли 2026.*
*Ҷовидонӣ нақш мебандад маро ин сана дар ёд.*
*Эй Раиси шаҳри Панҷекат!*
*Ғамгусори халқ - Холиқзод!*
*Шаҳри Панҷекат шудаст обод,*
*Офаринат бод!*
*Ногаҳон пеш аз сухан гуфтан зи минбар*
*Даъватам кардию зери қарсаку хушҳолию шодӣ*
*Курсии худро ба ман додӣ.*
*Сад ташаккур бар ҷунин як эҳтирому эътиқоди хос!*
*Як ҷаҳон арзи сипос!*
*Бо камоли сидқу ихлос!*
*Эй Раиси шаҳри Панҷекат!*
*Курсии олиҷаноби конфронсиро ба ман як лаҳза додӣ,*
*Ташаккур!*
*Зеҳ!!!*
*Курсии кории худро ҳам биё як ҳафта бар ман деҳ!*
*Ҳис кунам то ифтихори шаҳрдориро,*
*Лаззати ободкориро.*
*Бар Ватан, бар халқ, бар миллат*
*Лаззати хизматгузориро.*
*Ман дар ин муддат*
*Дақиқан се қароре мебарорам.*
*Бо қарори аввали хеш*
*Бошаҳомат сохтмони ҳайкали Фирдавсии олинасабро*
*Мебарам з - оғозгоҳи шаҳри Панҷекат*
*Бар Саразми бостонӣ.*
*Бостонҷӯро барам бар марзи поки бостон,*
*То ки мустаҳкам шавад марзи Ватан аз остон*
*Бо достон!*
*Ҷои он*
*Дар пешгоҳи шаҳри Панҷекат*
*Мегузорам ҳайкали тилоии нобиғаҳои шеъри*
*оламгирро аз ин диёр:*
*Рӯдакӣ - он пири кору Лоиқи овозадор.*
*Он азиз аз Панҷрӯду ин шарафмард аз Мазор.*
*Ҳардуро ҳангоми суҳбатҳои ширину шакарбор*
*Бо дизайни хоси саршори камоли ифтихор.*
*Гарчи ҳарду ҳайкале бас муҳташам доранд дар шаҳр,*
*Лек ин ҳайкал шавад пурмадху пуровоза андар даҳр.*
*Як қарори дигаре ҳам мебарорам:*
*Дар қатори шоири дарёдили ин сарзамин - устод Камол*
*Бар адибони дигар ҳам медиҳам хона.*
*Аз ҷавонон то ба пирон*
*Ҳар яке ҳастанд пурзаҳмат,*
*Ҳар яке ҳастанд фарзона.*
*Ин қарори сеюми ман*
*Гарчи ҳаст андак дуруштак,*
*Лек бошад сермурчу сергӯштак.*
*Панҷ ҳазор обуна андар Панҷакент*
*Мекунам ҳар сол хатмӣ*
*Аз барои "Хорпуштак".*
*Баъд курсиро супурда,*
*Меравам бар соҳили сабзи Зарафшон*
*Мекунам шодӣ,*
*Мекашам хуштак!*

**Хайрандеш, Шоири халқии Тоҷикистон**

## ФАРҚ

Духтар аз модараш мепурсад:

- Оча, фарқи байни оптимист ва пессимист дар чист?

Модар:

- Пессимист мегӯяд: «Аз ин бад намешавад!». Оптимист бошад, хушҳолона нидо мекунад: «Мешавад, мешавад!».

## БЕНЗИН

Марде аз дӯсташ мепурсад:

- Чӣ кор кунам, ки бензин камтар сарф шавад?

Дӯсташ дар ҷавоб:

- Воситаҳо зиёданд: таксӣ, троллейбус, автобус, велосипед... Самокат ҳам варианти хуб аст!

## КОРТ

Зан ба шавҳар:

- Мардак, дар корти ман боз пул тамом шуд.

Шавҳар:

- Охир, ман ҳамин саҳарӣ пул гузаронидам ку!?

Зан:

- Рӯзҳо дар фасли тобистон дароз мешаванд, мардак!

## ШОҲИДӢ

Ду нафар шабона дар кӯча қадам мезананд. Баногоҳ аз торикӣ дуздон пайдо шуда, бо корд таҳдид мекунанд:

- Пулу телефону соатҳоятонро бароварда диҳед, зудтар!

Яке аз мардҳо аз кисааш 300 доллар бароварда, ба дӯсташ дароз карда, мегӯяд:

- Дӯстам, ман аз ту 300 доллар қарздор будам, пулро дар шоҳидии ҳамин нафарон бармегардонам!

## ҚАДИМА

Набера аз бобояш мепурсад:

- Бобоҷон, шумо динозаврҳоро дида будед?

Бобо дар ҷавоб:

- Эҳ набераҷон, ман боз ҳам қадимитар ҳастам, ман бензини 4-тинаро дида будам.

## БЕПУЛӢ

Ду рафиқ вомехӯранд:

- Салом дӯстам, корҳоят чӣ хел? Ҷаро ин қадар парешон менамоӣ?

- Эҳ напурс, дӯстам, нав аз назди духтур баромадам. Чӣ кор карданамро намедонам.

- Тинҷӣ аст, охир?

- Гап сари он, ки агар табобат нагирам, аз беморӣ мемирам, агар табобат гирам, аз бепулӣ!

**Таҳияи Н. РАҶАБОВА**

## Сканворд

